# Саҳобаро ба даст овардам бидуни ин ки Аҳли Байтро аз даст бидиҳам!

﴿ربحت الصحابة ولم أخسر آل البيت﴾

Таълиф: Абӯ Халифа Алӣ бин Муҳаммад Қузайбӣ

Тарҷума: Муртазо Аскарӣ

1428/1385 ҳиҷрӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله حمدً كثيراً طيباً مباركاً فيه◉ مل السموات والأرض◉ وملء ما شاء ربنا من شيء بعد ◉ صلوات الله وسلامه على صفوة خلقه وخاتم رسله محمد ◉ وعلى آله وصحبه ومن اتبعهم بإحسان إلى يوم الدين.

Ин китобча баргҳое аз зиндагии ман аст, ки дар он андешаҳо ва пурсишҳоеро навиштаам, ки маро бо ҷое расонид, ки ҳеҷ замоне барои он барномарезӣ накарда будам ва ҳам ин, ки ин таҷзияи муфидро дар ихтиёри хонандгони азиз қарор медиҳам ва ин китоб дар ҳақиқат ҳикояти душвортарин набард дар зиндигии ман аст, набарди ҳақ ва ботил ва набарди боварҳо ва ақоъиди маврусӣ ва ҳақоиқи ошкор.

Шояд дар ибтидои кор ҳамчӯн таҷрибаи шахсӣ воқеъ шавад? Аммо чунин нест, балки ин таҷрибаи ман ва таҷрибаи шумо ва бисёре аз касоне аст, ки бар ақоъид ва мафоҳиме тарбият шудаанд, ки барои дифоъ аз он ҷонфишонӣ ва аз хӯдгузаштагӣ намудаанд, аммо дере нагузашта дарёфтанд, ки ҳақ дар тарафи мухолифи он боварҳост ва ба хотири хонавода ва қабила ва фарзанд таъассуб варзидан бар ақидаҳ ва бовариии нодӯруст дар ҳақиқат бар гузидан амри ночиз ва беарзиш ба ҷои он чизест, ки беҳтар ва арзандатар аст ва фаҳмидаанд, ки он чӣ назди Худованд аст, беҳтар ва мондагортар (пояндатар) аст.

**Абӯ Халифа Алӣ Қузайбӣ**
**28/3/2005**

## Бахше аз хотироти ман.

Ман дар хонаводаи Шиъа парвариш ёфтам, ки бо хидмати илмӣ ва тавлиғотӣ барои мазҳаб, ба Худо тақарруб меҷӯст. Дар кудакӣ падарамро аз даст додам, баъд аз даргузашти падарам, тоғоям сарпарастии ман ва бародаронамро бо ӯҳда гирифт. Ӯ охунди саладор буд, ки дар яке аз ҳавзаҳои илмии минтақаи (Ҷадди Ҳафс)и Баҳрайн дарс хонда буд ва пас аз он дарси худро дар шаҳри Қуми Ирон такмил ва ба поён расонда буд.

Ӯ ба шиддат муроқиби мо буд ва мекӯшид, то мо бо дӯстони нобоб ва бад ҳамроҳ нашавем ва ба дунболи он чӣ мояи бадномии мо ва нохушнӯдии парвардигорамон мегардад ва ахлоқ ва рафторамонро фосид мекунад, наравем. Ӯ чунон барои тарбаяти мо мекушид ва муроқиби мо буд, ки вақте донист, ки ман баъд аз гирифтани диплом мехоҳам вориди омӯзишгоҳи мусиқӣ шавам ва дар оянда бо унвони устоди мусиқи ба ин кор бипардозам, ба шиддат нороҳат шуд ва ба ман эътироз кард ва гуфт: Ман дар бачагӣ касеро надоштам, ки даст маро бигирад ва маро насиҳат кунад, изин хотир зиндагии душворе гузарондам, пас ту насиҳати маро гӯш кун.

Ман метавонам бигӯям, ки тағоям нақши бузурге дар берӯн рондани ин фикр аз сарам дошт ва илова бар ин авомили дигаре ҳам буд, ки монеъ рафтани ман ба ин самт гардид.

Аммо модарам ба умеди аҷр ва подоши Илоҳӣ ва бо ин эҳсос, ки бо имом Ҳусайн хидмат мекунад, ба шиддат ба мушоракат дар муносибатҳои динӣ (азо ва шодиовар) алоқаманд буд. Ҳатто беморӣ модарамро азин мушоракот дар ин маросим боз намедошт, зеро ӯ муътақид буд, ки мушоракат дар ин маросим мояи шифо ва беҳбӯд ёфтан аз

беморӣ ва сабаби хайр ва баракат аст ва адами мушоракат дар он гуноҳ ва маъсият аст.

Падарбузурги модариям шуғлаш ин буд, ки таблҳои суннатӣро месохт, ки барои ҳамоҳанг кардани роҳпаймоиҳои дастаҳои азодории имом Ҳусайн навохта ва бо кор гирифта мешавад.

Ногуфта намонад, ки ман ва ҳамаи хонаводаам дар он замон аз муқаллидони Оятуллоҳи Хуйи будем ва аз ин ҷо, ки ман дар чунин муҳите тарбият шуда будам, аз кӯдакӣ дӯст медоштам, ки дар маросими азодорӣ ва маддоҳӣ Ҳоҷи Аббос, ки дар маҳалаи (Ал-Ҳаммом) шаҳри Манома баргузор мешуд, ширкат кунам. Аз ҳамон кудакӣ бо шиддат мекушидам, то аввали вақт ва хеле зӯд дар ҳар маросиме ба маҳали сӯгворӣ биравам, то ин гӯна битавонам қабл аз дигарон парчаме, ки маъмӯлан дар дастаҳои азодории имом Ҳусайн ҳамл мешавад, ба дӯш бигирам ва вақте каме бузургтар шудам, дигар ба ҳамроҳи дастаҳои азодорӣ ба занҷирзанӣ мепардохтам.

Дар мадраса ҳам ман ва дӯстонам ба шиддат ба муносибатҳои динӣ алоқаманд бӯдем, зеро муносибатҳои динӣ ва мазҳабӣ фурсате буд, то аз фазои дарс ва таҳсил барои муддате дӯр шавем ва нафси роҳате бикашем ва дар чунин муносабот бо баҳонаи мушоракат дар маросим хеле нафси роҳате бикашем ва дар чунин муносабот бо баҳонаи мушоракат дар маросим хеле ғоиб мешудем, ба хусус ки ағлаби устодони мадрасае, ки ман дар он дарс мехондам, шиъа буданд, азин хотир мо ба ғайбат аз мадраса мавриди бозхост қарор намегирифтем, балки онҳоро ташвиқ мекарданд.

Мутаассифона бояд бигӯям, ки бисёре аз  ҷавонон аз фаро расидани чунин мавқеъиятҳо ба шиддат хушҳол мешуданд, зеро онҳо медиданд, ки маросим ва муносабот

фурсати тиллоӣ барои духтарбозӣ ва чашмчаронӣ аст, чунки дар чунин муносибатҳо духтар ва писар хеле роҳат бо ҳам ихтилот мекунанд.

Хонаводаи мо ба назр хеле аҳамият медод. Аммаам ҳамеша сақти ҷанин мекард, ё қабл аз таваллуд фарзандаш мемурд ва ё ин, ки баъд аз таваллуд билофосила фарзандаш мемурд. Борҳо ӯ чунин шуда буд, то ин ки дигар хонаводаи мо аз соҳиби фарзанд шудани аммаам эҳсоси ноумедӣ мекарданд, дар ин вақт онҳо барои имом Алӣ назр карданд, ки агар аммаам фарзанде бидиҳад ва онро аз ҳар осебе ҳифозат кунад[1], ҳар сол дар рӯзи ошӯро

---

[1]: Гоҳе ба сӯрати тасодуфӣ хостаи касе, ки назр мекунад, бароварда мешавад, ин далеле барои ҷоиз ва машрӯъ будани назр кардан барои ғайр аз Худованд нест, зеро гоҳе мешавад, ки як фарди масиҳӣ ба калисо меравад ва аз Марям(а) шифо ва рӯзӣ металабад ва Худованд барои он ки ӯ дӯчори фитна шавад, хостаи ӯро бароварда месозад ва Ҳиндуҳо ва бутпарастҳо ҳама чунин вазъите доранд, ки аз маъбудони худ чизҳое металабанд ва Худованд барои он, ки онҳо бештар дар гумроҳӣ фурӯ раванд, хостаҳояшонро бароварда месозад, чунон чӣ Худованд мефармояд: "سَنَسْتَدْرِجُهُمْ مِنْ حَيْثُ لَا يَعْلَمُـونَ ", "кам кам ба сӯи ҳалок ва азобашон мекашонем аз роҳе ки намедонанд" ва дар ҳамин маврид имом Содиқ чунон, ки дар "дуррулкофӣ 2/452" омада дар тафсири ин оят мегӯяд: (банда гӯноҳе мекунад ва боз ҳам ба ӯ неъмат мерасад, ва гӯё ин неъмат бо ӯ гушзад мекунад, ки аз гӯноҳ тавба намояд) ва ба фарёд хостани чизҳои ғайр аз Аллоҳ фақат гӯноҳ нест, балки ба тоъри мутлақ бузургтарин гӯноҳ мебошад ва дар ҳадисе, ки Нӯри Табресӣ дар Ал-мустадрак 14/331 ривоят карда омадааст, ки Абдуллоҳ бин Масъӯд(р) аз Паёмбар(с) пӯрсид: (кадом гӯноҳон бузургтар аст? Фармуд: ин ки барои Худо ҳамтое муқаррар кунӣ ва ҳол он, ки Худо туро офарида аст!).

Мусалмон бо яқин бовар дорад, ки дӯо ва ба фарёдхондан ибодат аст ва ибодат бояд фақат барои Худо анҷом шавад, чунон чӣ Худованд дар китоби худ мефармояд: "وَأَنَّ الْمَسَاجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدْعُوا مَعَ اللَّهِ أَحَدًا ", "масҷидҳо маҳз парастиши Худост ва (дар онҳо) касеро бо Худо нахонед", ва ҳамчунон назр ибодат аст, ки бояд фақат барои Худо анҷом шавад, бинобарин Нӯри Табресӣ дар Ал-мустадрак 16/82) ривоят мекунад, ки имом Ҷаъфари Содиқ аз назр кардан барои ғайри Аллоҳ манъ кардааст ва Оятуллоҳ Узмо Муҳаммад Зайнуддин дар китоби "Калиматуттақво 6/462" масъалаи 63 мегӯяд: "барои ғайри аз Аллоҳ барои ҳеҷ кас назр ҷоиз нест, хоҳ Паёмбар бошад, хоҳ валӣ, ё фаришта, ё бандаи солеҳ

кудакро дар миёни дастаи азодор биёваранд ва ӯро дар кафане бипечонанд, ки бо хуни азодороне оғӯшта шуда аст, ки бо занҷир ва корд ба сар ва синаи худ мезананд ва пас аз он ӯро бар аспе савор намоянд ки монанди аспи имом Ҳусайн аст. Билохира амаам саҳиби фарзанде шуд. Падари навзод ӯро Ақил[1] ном гузошт. Чанд сол баъд аз анҷом додани назр, Ақил мутаваҷҷеҳ шуд, ки бояд фақат барои Худо назр кард ва имом як инсон аст, ки ӯ ва ҳеҷ инсони дигаре сазовори ибодат ва парастиш нестанд ва аз ҳеҷ инсоне кӯмак хостан ва назр кардан барои ӯ ва ба фарёдхонданаш ҷоиз нест.

Ва хулоса ин, ки Ақил падарашро қонеъ кард, ки чунин назре ҳаром ва номашрӯъ аст ва ҳамчунин ӯ дар мавриди ин масъала бо дӯстонаш баҳс ва муҷодала мекард.

Дар ин хусус маро ҳам ҳикоятест, ки аз достони Ақил камтар нест. Замоне, ки ман бача будам, гарданам мавриди амали ҷарорҳӣ қарор гирифт, баъд аз муддати кӯтоҳе

---

бошад, ва ҷоиз нест, ки касе барои Каъба ва зиёратгоҳо ва масоҷид ва ибодатгоҳо ва соири амокини муқаддас ва муҳтарам дар ислом назр кунад". Ва мусалмон ба яқин бовар дорад, ки сӯд ва зиён ва шифо фақат ва танҳо бо даст Худост, пас ҳеҷ кас наметавонад ба касе сӯд ва зиён бирасонад, ё ба ӯ рӯзӣ ва шифо бидиҳад ба ҷӯз Худованди мутаъол ва Худованд ба Паёмбараш фармон медиҳад, ки ба мардӯм иблоғ кунад, ки сӯд ва зиён фақат дар дасти Худост ва ӯ наметавонад ба касе сӯд ва зиёне бирасонад, пас вақте ки Паёмабри Худо молики сӯд ва зиён нест, дигар Паёмбарон ва Солиҳон чӣ гӯна метавонанд молики он бошанд, Худованд мефармояд: "قُلْ إِنَّمَا أَدْعُو رَبِّي وَلَا أُشْرِكُ بِهِ أَحَدًا (الجن٢٠) قُلْ إِنِّي لَا أَمْلِكُ لَكُمْ ضَرًّا وَلَا رَشَدًا"=, "Бигӯ! Танҳо Парвардигорамро мепарастам ва касеро шарики ӯ намекунам, бигӯ ман наметавонам ҳеҷгӯна сӯд ва зиёне ба шумо бирасонам".

Азин рӯ ҳеҷ оқиле набояд фиреби шайтонро бехурад ва ин ҷониб бо нақли ин достонҳо мехоҳам ақоъидеро баён кунам, ки бисёр аз афроди омӣ, ки имонашон бо Худованд заъиф аст, бодон бовар доранд ва агар на, кадом оқил чунин ақоъидеро мепазирад, дар ҳоле ки фармудаи Илоҳӣро мехонад, ки мефармояд: "أَلَيْسَ اللَّهُ بِكَافٍ عَبْدَهُ ", "Оё магар Худованд бандаашро кофӣ нест".

[1] : Ақил Абдулҷалил Аҳмад

дубора захм сар боз кард ва маро дубора ҷарроҳӣ карданд. Модарам мегӯяд, ки вазъи саломатии ман хеле бад буд ва тӯ байн марг ва зиндагӣ дасту по мезадӣ. Модарам аз он ҷо, ки метарсид, мабодо ман аз байн биравам, аз рӯйи содагӣ насиҳати яке аз охӯндҳоро бовар кард. Он охӯнд ӯро насиҳат карда буд, ки ба яке аз зиёратгоҳои Манова дар минтақаи Сақия биравад ва назри хосе барои имом Алӣ(р) кунад, то ман аз беморӣ беҳбудӣ биёбам, зеро модарам ҳамонанди ҳамаи Шиъаҳо муътақид буд, ки мазорҳо ва мақбараҳо сӯд меоваранд ва зиёнро дӯр мекунанд.

Ба иллати шароити нохостае солҳои зиёде гӯзашта буд ва модарам натавониста буд дар тайи солҳо назр худро анҷом диҳад, то ин ки то бузург шудам. Вақте ба тавфиқи Илоҳӣ Суннӣ шудам ва бо ақоиди Аҳли Суннат рӯй овардам, хонаводаам хостанд, то барои ман далел биёваранд, ки ман бо Суннӣ шуданам дар воқеъ ба Аҳли Байт ҷафо намӯда ва тавҳин кардам, ва назри модарамро ёдоварӣ карданд ва бо сароҳат ба ман гуфтанд: Агар Аҳли Байт набуданд, ту беҳбудӣ намеёфтӣ ва имрӯз зинда намебудӣ, сипас маро аз тасоҳул ва сустӣ варзидан дар мавриди назр ҳушдор доданд ва маро ташвиқ карданд, то ҳамроҳ бо онон барои адои назр ба ҳамон зиёратгоҳ биравам, то ин гӯна аз осебҳои зиндагӣ наҷот ёбам.

Ва борҳо кӯшиданд, то маро барои рафтан ба зиёратгоҳ қонеъ кунанд ва талош карданд, то дӯбора Шиъа шавам, аммо муваффақ нашуданд, аммо он чӣ дар ин қазия хандаовар буд, ин буд ки баъд аз он ки солҳо ин макон бо ӯнвони зиёратгоҳ ва макони муқаддас ва маҳали рафту омади Шиъаён буд ва ҳоҷат мехостанд ва барои он назр мекарданд, маълӯм шуд, ки ҳамаи овозаҳое, ки дар мавриди он зиёратгоҳ пахш шуда буд, дурӯғ ва хаёлбофӣ

ҳастанд ва дар он ҷо ҳеҷ чизе набудааст ва баъдан комилан тахриб шуд ва бо хок яксон гардид, ва *лиллоҳил ҳамд*[1].

**Зуҳӯри имом Ҳуйи дар моҳ...!!**

Баъд аз он, ки имом Хуйи болотарин марҷеъ ва раиси ҳавзаи илмияи Наҷаф вафот кард ва баъд аз он, ки дар тайи маросиме мо шабеҳи наъши ӯро ҳамл кардем ва раҳнамойи намӯдем, ногаҳон хабари падидор шудани тавсири Ҳуйи дар моҳ ширкаткунандагонро дар роҳпаймой ғофилгир кард, бо ин ки мо худамон тасвири ӯро дар надида будем, аммо афроде дар Манома таъкид мекарданд, ки ин хабар воқеъият дорад ва хеле зӯд ин овоза қӯввват гирифт ва ҳама ҷо печид ва бисёре, ба хусус занон онро тасдиқ карданд.

Ногаҳон дидам, ки афроде дар роҳпаймойи ҳамроҳи мо буданд, ба моҳ ишора мекарданд ва иддаъо мекарданд, ки тасвири Ҳуйиро мебинанд. Ҳамроҳам ба  ман гуфт: Оё чизе мебинӣ? Ба ӯ гуфтам: на. Ба ман гуфт: Ман ҳам намебинам. Ба ӯ гуфтам: Пас чаро ҳамроҳи онон мегӯй, ки тасвири Ҳуйиро дар моҳ мебинӣ, дар ҳоле, ки ӯро намебӣ? Ӯ ба ман гуфт: Оё шур ва эҳсосоти онҳоро намебинӣ?! Метарсам, ки агар бигӯям чизе намебинам маро калтак бизананд! Бо таъаҷҷуб аз чунин ҳолате хандидам. Яке аз оҳолии шаҳри Манома дар мавриди ин овоза сӯхани зебое гуфта буд дар он рӯз, ки ин овоза пахш шуда буд гуфт: Паёмбар(с) вақте вафот намӯд тасвираш дар моҳ намоён нашуд, чӣ гӯна Ҳуйи дар он падидор мегардад??!

[1] : Дар Рабиъулаввали соли 1425 мутобиқ бо соли 2004 эломияҳое аз сӯй Шиъаён пахш шуд, ки ин макон зиёратгоҳест ва асари пойи Маҳдии мунтазар дар он вуҷӯд дорад.

## Муҳимтарин масоиле, ки сабаб шуд мазҳаби Шиъаро тарк кунам!

Ман иддаъо намекунам, ки ахлоқи ниҳоят хӯб ва писандида дорам, аммо инсон ҳар чанд аз назари фарҳанг ва тадайюн ва ахлоқи Исломӣ дар сатҳи пойбинӣ бошад, хатҳои қирмизӣ ҳастанд, ки наметавонад аз он убӯр кунад, ва агар аз он таҷовӯз кунад, дигар аз фитрат ва сиришти солим ва ахлоқи дурӯст берӯн омада аст.

Аввалин чизе, ки боиси даргир шудани ман бо мазҳабе, ки бо он будам гардид, мавзӯи ахлоқ буд.

Дар ибтидо худамро ин гӯна дилҷӯйи медодам, ки он чӣ дар мазҳаб мебинам, иқдомоти шахсии афрод аст, ки ҳеҷ рабте ба мазҳаб надорад, то ин ки рӯзе расид ва ҳақиқат ошкор шуд ва пардае, ки ҳақиқатро аз ман пинҳон мекард, дӯр шуд.

Се маврид дар мазҳаби Шиъа беш аз ҳама чиз маро нороҳат мекард ва хобро аз чашмонам рабӯрда буд:

1. Носазо гуфтан бо Саҳоба.

2. Мутъа ё издивоҷи муваққат.

3. Ба фарёдхондани чизҳое аз ғайри Худо ва тарк гуфтани Худо ва даст ба домон шудани инсонҳо.

Ин се маврид сабаб шуданд, ки ман ақидаи Имомияро, ки бо он тарбият шуда будам, раҳо кунам ва ба ақидаи Аҳли Суннат ва Ҷамоъат рӯй оварам, ҳамон Аҳли Суннат, ки ман чунин тарбият шуда будам, ки онҳо дӯшманони мо ҳастанд ва бояд ҳамвора мавриди танаффӯри мо бошанд.

**Носазо гуфтан бо Асҳоб ва лаъни онҳо**.

Дар дил нисбат ба Асҳоб(р) кина доштам, зеро муътақид будам, ки онҳо бар Аҳли Байт ситам карданд, аммо ононро фаҳш ва носозо намегуфтам ва нафринашон намекардам, зеро назарам ин буд, ки аз назари ахлоқӣ носазо ва нафрин кори дурӯсте нест. Фикр мекардам ҳеҷ дине пайравонашро бо ин фаро нахондааст, ки мурдагонро фаҳш ва носазо бигӯянд ва ба ҳангоми дастшӯй рафтан аз лаънат кардани онҳо лаззат бибаранд чунон ки (Умдаи муҳаққиқин, Муҳаммад Тавсирконӣ Шиъӣ) дар китоби (Лаъолил-ахбор 4/92) мегӯяд: "Бидон, ки беҳтари ҷой ва замон ва ҳолат барои лаънат фиристодан бар онҳо замонест, ки дар дастшӯйи бошӣ, пас ҳар вақт ба дастшӯйи меравӣ бо хаёли роҳат чанд бор бигӯ: Бори Худоё! Умарро лаънат кун, сипас Абӯбакр ва Умар ва сипас Усмон ва Умар ва баъд Муъовия ва Умар... бори Худоё! Ойша ва Ҳафса ва Ҳинд ва Умми Ҳакимро лаънат ва касонеро лаънат кун, ки ба корҳои онон розӣ ҳастанд".

Бинобарин ногаҳон эҳсос кардам, ки иқдомоте, ки ман дар дили худ онро нопасанд медонам ва мавриди интиқоди қарор медиҳам, натиҷаи андешаи дӯшманӣ ва таҳрик бар зидди Асҳоби Паёмбар(с) аст.

Ривоёти мо ба вузуҳ эҳсосоти моро барангехта менамояд ва моро таҳрик мекунад, то бар Асҳоби Паёмбар (с) ва дӯстдорони онҳо лаънат бифиристем, ривоёти мо ибтидо мегӯянд Асҳоб кофир ва муртад ҳастанд ва сипас онҳоро лаънат мекунанд ва ҳамаи ин маворид дар китобҳои гузашта ва ин замони мо навишта шудаанд.

Аз ҷӯмлаи ин ривоёт, ривоятеаст, ки дар Риҷолул-кашийй омада аст, ки "... Ҳанон бин Садир аз падараш ва ӯ аз Абӯҷаъфар (р) ривоят мекунад, ки гуфт: Ҳамаи мардум

баъд аз вафоти Паёмбар(с) муртад шуданд ба ҷӯз се нафар. Гуфтам: Он се нафар чӣ касоне ҳастанд? Гуфт: Миқдод бин Асвад, ва Абӯзари Ғаффорӣ ва Салмони Форсӣ ҳастанд ва гуфт: Инҳо касоне буданд, ки бо Абӯбакр байъат накарданд, то он ки Амиралмӯмининро ба зӯр оварданд, то байъат кунад ва вақте ӯ байъат кард, инҳо байъат карданд"[1] ва ривоёт мегӯянд, ки чаҳор нафари дигар бо ин се нафар пайваст ва шумори мӯминон (бо гуфтаи онҳо) дар асри Асҳоб ба ҳафт нафар расид. Аммо аз ин теъдод бештар нашуданд.

Ва ҳамчунин Ҳорис бин Муғира Насрӣ мегӯяд: Аз Абдулмалик бин Аъюн шунидам, ки аз Абӯ Абдуллоҳ мепурсид ва ӯ ҳамчунон ӯро мепурсид, то он ки ӯ гуфт: Пас он вақт мадум ҳалок шуданд[2]. Гуфт: оре, савганд ба Худо эй писари Аъюн! Ҳамаи мардум ҳалок шуданд. Гуфтам: ҳама касоне, ки дар шарқ ва ғарб буданд ҳалок шуданд? Гуфт: шарқу ғарб бар асоси гумроҳӣ фатҳ гардид, оре савганд ба Худо, ки ҳама ҳалок шуданд, ба ҷӯз се нафар, сипас Абӯсосон ба онҳо пайваст"[3].

Ва дӯои ду бути Қурайш ва дигар дӯоҳое, ки пур аз лаънат фиристодан бар Абӯбакр ва Умар мебошанд ва дар ин дӯоҳо Абӯбакр ва Умар ба бут ва тоғӯт ташбеҳ дода шудаанд, ҳамаи ин дӯоҳо чизе ҷӯз натиҷаи андешаи такфири Асҳоби Паёмбар (р) нест. Бинобарин андаке дар фармудаи Илоҳӣ тааммул кардам, ки мефармояд:

---

[1] : АЛ-Кофӣ 8/245 ва Ал-Дараҷот ал-рафиъаҳ 213

[2] : Яъне баъд аз вафоти Паёмбар(с) вақте мардум бо Абубакр(р) байъат карданд ва ҳалок шуданд.

[3] : Ардабилӣ мегӯяд: Исми Абусосон, Ҳусайн бин Мунзир аст ва гӯфтаанд Абусосон, сипас ривояти мазкӯрро аз каш баён кардааст. Ҷомеъуррувот 387.

﴿وَالسَّابِقُونَ الْأَوَّلُونَ مِنَ الْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنصَارِ وَالَّذِينَ اتَّبَعُوهُم بِإِحْسَانٍ رَّضِيَ اللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي تَحْتَهَا الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَدًا ذَٰلِكَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ﴾[1].

"Гузаштагони нахустин аз Муҳоҷирин ва Ансор ва касоне, ки бо неки аз онҳо паёравӣ карданд, Худованд аз онҳо хушнӯд гашт ва онҳо (низ) аз ӯ хушнӯд шуданд ва боғҳое аз биҳишт барои онон фароҳам сохта, ки дарёҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, ҷовидона дар он хоҳанд монд ва ин аст пирӯзии бузург!"

Вақте дар ин гуфтаи Илоҳӣ фикр кардам, дидам, ки ба сароҳат мегӯяд, ки Худованд аз Муҳоҷирин ва Ансор ва пешгомон розӣ ва хушнӯд аст ва Абӯбакр ва Умар ва Усмон ва Талҳа ва Зубайр ва Саъд бин Абиваққос ва Абдуллоҳ бин Масъуд  ва Саъд бин Муъоз ва ҳама касоне, ки Шиъа бар онҳо лаънат мефиристанд аз Муҳоҷирин ва Ансор ва пешгомон ҳастанд, ки Худованд аз онон эълони ризоят карда аст.

Онгоҳ аз худам пурсидам чӣ гӯна як фарди оқил метавонад бигӯяд, ки Асҳоб бар Алӣ(р) ситам карданд ва Хилофатро ғасб намуданд, дар сурате, ки Худованд дар ин оят ба мо мегӯяд, ки ӯ аз Асҳоб розӣ аст ва боғҳои биҳишт барои онон омода кардаст?!

Паёмбар (с) вақте вафот намуда аз Асҳоб ва дар раъси онҳо аз Хулафои сегона, Абӯбакр, Умар ва Усмон(р) розӣ буд, Худованд оётеро нозил кард, ки Асҳобро дар он сутуда аст. Оё магар Худо намедонист, ки онҳо (он гӯна, ки Шиъа мегӯянд) баъд аз вафоти Паёмбар бар мегарданд ва мунҳариф мешаванд ва ё чунон, ки мутаҳҳам шудаанд Қуръонро таҳриф мекунанд ва аҳкоми динро тағйир медиҳанд?! Агар Худованд медонист, ки онҳо чунин хоҳанд

---

[1] : Сураи Тавба 100

шуд, пас оётеро, ки дар он Асҳоб сутуда шудаанд, чӣ гӯна бояд тавҷеҳ кард?! Оре Қуръон онҳоро меситояд, аммо Шиъа мегӯяд, ки онон мунофиқ ва муртад ҳастанд!!

Оё Худованд мехост Паёмбарашро фиреб диҳад ва ба ноҳақ Асҳобро ситоиш кунад ва аз онҳо эълони ризоъият намояд, то Паёмбар бо онҳо эътимод кунад ва бо онон хеш шавад ва онгоҳ баъд аз вафоти ӯ аз дин баргарданд?!! Бидуни тардид чунин фикре дар бораи Худованд куфр аст.

Чаро Худованд дар Қуръон сифоти воқеъии онҳоро ва вазъиятеро, ки баъд аз вафоти Паёмбар (с) бадон дар хоҳанд омад, баён накарда аст?!

Барои ин пурсишҳо посухи итминонбахше наёфтам, ҷуз ин, ки бигӯям: Худованде, ки он онон эълони ризоъият намуда ва ононро дар Қуръон ва бар забони Паёмбараш ба биҳишт мужда додааст, медонистааст, ки онҳо тибқи раҳнамуди Паёмбар(с) ҳаракат хоҳанд кард ва ба Суннат ва шеваи ӯ пойбанд хоҳанд буд.

﴿لَقَدْ رَضِيَ اللَّهُ عَنِ الْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ الشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنْزَلَ السَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَابَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا﴾[1]".

"Худованд аз мӯминон- ҳангоме, ки дар зери он дарахт бо тӯ байъат карданд розӣ ва хушнӯд шуд, Худо он чӣро дар даруни дилҳояшон (аз имон ва садоқат) нуҳуфта буд медонист, аз ин рӯ оромишро дар дилҳояшон нозил кард ва пирӯзии наздике ба унвони подош насиб онҳо фармуд".

Пас касонеро, ки Худованд бо мо хабар додааст, ки он чиро дар дарӯни дилҳояшон нуҳуфта буд, донист ва аз онон розӣ шуд ва оромиш бо онон дод, барои ҳеҷ касе ҷоиз нест, ки дар мавриди онҳо шак кунад"[2].

---

[1] : Сураи Фатҳ 18

[2] : Ал-фасл, Ибни Ҳазми Андалусӣ 4/225

**Издивоҷи муваққат.**

Бо ин ки мутъа, ё издивоҷи муваққат назди мо Шиъаён ҷоиз, балки мустаҳаб аст, аммо аз ҳамон аввал пеш аз он ки далоили ҳурмати онро бубинам, онро намеписандидам ва ҳар гоҳ медидам, ки касе барои исботи ҷоиз будани он мунокаша мекунад, аз ворид шудан дар ин баҳс хиҷолат мекашидам ва фақат аз ӯ мепурсидам: Оё ҳозир ҳастӣ касе бо хоҳарат мутъа кунад? Ӯ бо хиҷолат мегуфт: На, балки гоҳе хашмгин мешуданд.

Издивоҷи муваққат барои муддати кӯтоҳе мубоҳ ва ҷоиз қарор гирифт, аммо баъд аз он Паёмбар(с) онро барои ҳамеша то рӯзи қиёмат ҳаром гардонд. Дар мазҳаби Шиъа низ ривоёте аз аиммаи Аҳли Байт нақл шуда, ки ба сароҳат издивоҷи муваакқатро ҳаром ва зишт қарор медиҳад, аммо Шиъа посӯхе  барои ин ривоёт пешкаш намекунанд.

Аз Абдуллоҳ бин Синон ривоят шуда, ки гуфт: (Ман дар мавриди издивоҷи муваққат аз Абӯ Абдуллоҳ (имом Содиқ) пурсидам, гуфт: "худатро бо он олӯда макун".

Ва аз Алӣ бин Яқтийн ривоят аст, ки гуфт: (Аз Абӯлҳасан(р) дар мавриди издивоҷи муваққат пурсидам? Гуфт: "тӯ бо он чӣ кор дорӣ? Худованд моро аз он бениёз кардааст".

Аз Ҳишом бин Ҳакам ва ӯ аз Абӯ Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки гуфт: "фақат афроди фосид мутъа мекунанд"[1].

Ва Тӯсӣ дар (Истибсор 3/142) аз Амр бин Холид ва ӯ аз Зайд бин Алӣ ва ӯ аз падаронаш ва онҳо аз Алӣ (р) ривоят

[1] :  Ал-наводир, Аҳмад бин Исо Қумм: 87

мекунанд, ки гуфт: "Паёмбар (с) гӯшти харҳои аҳлӣ ва издивоҷи муваққатро ҳаром кард).

Тӯсӣ барои тавҷеҳи ин ривоёт чизе наёфта, ҷӯз ин ки бигӯяд: "мо бояд ин ривоётро бар тақия ҳамл кунем, зеро ин ривоёт бо мазҳаби омма мувофиқ ҳастанд".

Ӯ ривоётро бо вуҷуди он ки саҳеҳ ҳастанд намепазирад, зеро бо мазҳаби Аҳли Суннат мувофиқат доранд!

**Таноқузоти мазҳаби Шиъа**.

Аз кудакӣ ба мо чунин мегуфтанд, ки шабҳои Ошӯроро бо задан бар сару сина ва ёдоварии фоҷеъаи хунини Карбало зинда нигоҳ дорем, аммо ҳеҷ касе аз мо барои як лаҳза фикр намекард, ки оё коре, ки мекунем далели шаръӣ аз Қуръон ва Суннат дорад, ё на?!...

Солҳо аз умрам гузашт ва ман ин гӯна будам, то ин ки тағйироте дар ман падид омад, ки маро бо сӯйи мазҳаби Аҳли Суннат роҳнамой кард. Тасаввур намекардам дар тамоми зиндагиям дар чунон хаёле ба сар бурда бошам ва чунон бо авҳом зиндагӣ кунам, ки дар он муддат зиндагӣ кардаам.

Аз Табрезӣ, ки яке аз мароҷеъи тақлид буд, дар мавриди шаъоири Ҳусайнӣ мепурсанд, ки то чӣ андоза ин корҳо машрӯъият доранд? ӯ дар посӯх мегӯяд: "Шиъа дар даврони Аййма бо тақия зиндагӣ мекарданд, ва иҷро нашудани ойинҳо ва маросими азодории Ҳусайнӣ дар замони онҳо далеле бар адами машруъияти он дар ҳама замонҳо нест, зеро иҷрои маросим ва ойинҳои Ҳусайнӣ дар замони онҳо мумкин набудааст ва агар Шиъаён дар он рӯзҳо монанди замони мо метавонистанд маросим ва ойинҳои мазҳабии худро монанди гузоштани порчаҳои

сиёҳ бар дарҳои Ҳусинияҳо ва хонаҳо ба нишони ғам ва андӯҳро иҷро намоянд, ин корро мекарданд"[1].

Уламои мазҳаб ин корро дурӯст донистаанд ва аз Китоб ва Суннат нассе барои ҷавози корҳое, ки дар рӯзҳои Муҳаррам ба номи (зинда кардани шаъоир ва ойинҳои Илоҳӣ) анҷом мешавад, вуҷуд надорад. Аммо агар касе бо ривоёти Аиммаи Аҳли байт (а) ва сухани уламои қадими Шиъа нигоҳ кунад, чизе дигаре нахоҳад ёфт.

Ибни Бобовайҳи Қуммӣ дар китоби (Ман ло яҳзуруҳу ал-фақеҳ 4/376) мегӯяд: "Паёмбар(с) дар каломи беназире мегӯяд: "Навҳасарои аз корҳои ҷоҳилият аст". Ва Нӯрии Табарсӣ дар (мустадракул-васоил 1/143-144) аз Алӣ (р) ривоят мекунад, ки гуфт: "Се чиз аз аъмоли ҷоҳилият ҳастанд, ки ҳамвора мардум бо он мепардозанд, то ин ки қиёмат барпо шавад: талаби борон кардан ба василаи ситорагон ва таъна задан ба насабҳо ва навҳасарой барои мурдагон).

Муҳаммад Боқири Маҷлисӣ дар (биҳорул-анвор) аз Алӣ ривоят мекунад, ки гуфт: "Вақте Иброҳим писари Расули Худо (с) вафот кард, Паёмбар (с) ба ман фармон дод, ки ӯро ғӯсл диҳам ва ман ӯро ғусл додам ва Паёмбар (с) ӯро ба кафан печонд ва бар ӯ хушбӯ молид ва ба ман гуфт: "ӯро бо дӯш бигир эй Алӣ"! Ман ӯро ба дӯш гирифтам, то он ки ӯро бо Бақеъ бурдам. Онгоҳ Паёмбар бар ӯ намоз хонд... Эшон вақте ӯро дид гиря карданд, то ин ки садои гиряи мардон аз садои занон баландтар шуд. Онгоҳ Паёмбар ононро бо шиддат манъ кард ва гуфт: "Чашм ашк мерезад ва қалб андӯҳгин мешавад ва мо чизе намегӯем, ки

[1] : Замимаи қисми дуввуми Сиротун-наҷот, Хӯйи 562

Парвардигорро нохушнӯд кунад, мо ба сабаби аз даст додани ту мусибатзада ва ғамгин ҳастем..."[1].

Мулоҳаза кунед, ки Паёмбар (с) ва имои Алӣ чӣ гӯна аз навҳасарой манъ мекунанд ва онро аз амали ҷоҳилият медонанд, аммо ин ки новҳасарой мустаҳаб аст ва аз он, ки нусуси бисёр возеҳ ва равшан аз навҳасорой наҳй мекунанд, Тусӣ ва Ибни Ҳамза ба сароҳат гуфтаанд, ки навҳасарой ҳаром аст ва Тӯсӣ мегӯяд, ки Шиъаён дар замони ӯ бар ҳаром будани навҳасарой иҷмоъ доштанд[2].

Ва ривоёти сареҳ, задан ба сару синаро аз бидъатҳои зиште қарор додааст, ки Худо ва Паёмбараш ва Айимаи Атҳор онро намеписанданд.

Ва имом Боқир мегӯяд: "Сахтарин бетобӣ фарёд ва навҳа сардодан ва задан  ба сару сина ва кандани мӯй пешонӣ аст ва ҳар кас новҳасарой кунад, сабр ва шикебойро раҳо карда ва роҳе ғайр аз роҳи сабрро дар пеш гирифта аст"[3].

Ва ривоят шуда, ки имом Ҳусайн бо хоҳараш Зайнаб гуфт: "Хоҳарам! Тақвои Илоҳиро пеша кун ва бидон, ки аҳли замин мераванд ва аҳли осмон боқӣ нахоҳанд монд ва ҳама чиз ба ҷӯз Худованд нобӯд хоҳанд шуд. Худованде, ки офаридаҳоро бо қудрати хеш офарида аст ва рӯзе офаридаҳо бо сӯйи Худо хоҳанд гашт ва Худованд якто ва ягона аст, падар ва модарам ва бародарам аз ман беҳтар буданд ва барои ман ва ҳар мусалмоне Паёмбари Худо улгӯ аст". Ҳусайн хоҳарашро бо чунин суханон дилҷӯй кард сипас ба ӯ гуфт: "Хоҳарам! Ман тӯро қасам медиҳам, агар

[1] : Биҳорул-анвор 82/100-101

[2] : Ал-зикро лишаҳидил-аввал 72

[3] : Кулайнӣ дар Кофӣ 3/222-223 ва Файзи Кошонӣ дар Ал-вофӣ 13/87 ва ҳар омиле дар васоили шиъа 2/915, инро ривоят кардааст.

ман кушта шудам, гиребонатро пора макӯн ва фарёиди вовайло сар мадеҳ"[1].

Бинобарин Муҳаммад бин Маккии Омилӣ (шаҳиди аввал) аз Тӯсӣ нақл карда гуфт: "Задан бо сурат ва кандани мӯй ба иҷмоъ ҳаром аст, зеро ин корҳо нишонаи изҳори норизоятӣ аз тақдири Илоҳӣ аст"[2].

Аммо дар мавриди пушидани либоси сиёҳ, имом Алӣ (р) мегӯяд: "Либоси сиёҳ напӯшед, зеро либоси Фиръавн аст"[3].

Вақте ин ривоятҳоро, ки задан ба сару сина ва сиёҳ пӯшиданро ҳаром қарор медиҳад, аз тарафе воқеъияти талхро медидам, ки ман бар он тарбият шуда будам ва ба гӯмон нишонаи муҳаббати Аҳли Байт ин корҳоро мекарданд, ҳайратзада ва мот шудам, намедонистам, ки он чӣ мо дар Ҳусайнияҳо ва азодориҳо анҷом медиҳем, мухолифати сареҳ бо тавсияҳо ва гуфтаҳои Аҳли Байт ва ҷадди бузургворашон ҳазрати Муҳаммад (с) аст.

### Ҷодӯгар муваффақ намешавад!

Дар минтақаи мо, Қузайбия[4] марде бо муъолиҷаи беморон ва ҳалли мушкилоти мардум бо Қуръон ва дӯоҳои машрӯъ, маъруф буд.

Баъд аз он, ки ман Суннӣ шудам ва хонавода ва дӯстонам натавонистанд маро бо мазҳаби Шиъа боз гардонанд, барои он ки маро дар тангӣ қарор диҳанд ва аз

---

[1] : Ал-малҳӯф, Ибни Товус 50 ва Мунтаҳал-омол, Аббос Қуммӣ 1/481

[2]: Ал-зикро 72

[3] : Ман ло яҳзуруҳул-фақеҳ 1/163 ва Васоилу-шиъа 3/278

[4] : Қузайбия минтақаи машҳӯре дар Бахрайн ва дар шаҳри Манома аст, ки зодгоҳи ман ва ниёгонам мебошад. Об ва ҳавои хубе, ки дорад дар гӯзашта мардуми ободиҳои атроф тобистонро он ҷо мегӯзаронанд.

чашми мардум бияндозанд, шоэъоти муғризонае дар мавриди ман пахш мешуд ва ҳамин марде, ки Шиъаён гӯмон мебаранд олим ва фарди дурусткор аст, барои он ки маро аз тасмим мунҳариф кунад, довталабона пеш омад. Ӯ худашро ба ман наздик кард ва бо шеваи диплумосӣ бо ман бо гуфтугӯ пардохт ва ба ман ёдоварӣ кард, ки падарам дӯсти ӯ буда аст. Сипас чанд чизро бароям баён кард, аз он ҷумла ин ки Қуръонро боз кард ва калимоте хонд, ки намедонам чӣ буданд... Ногаҳон дидам, ки ин оят дар ҳолате, ки дар он ҳастам, бар ҳазар медорад ва ба ман гуфт: Ин оят раҳматест ва агар ба он амал кунӣ бароят беҳтар аст ва имшаб ин оятро чанд бор хоҳӣ шунид, то ба хайр ва хубӣ бирасӣ!

Ватқте савори мошин шудам ва радёи Қуръонро равшан кардам, дидам ҳамон оятро дорам мешунавам! Аз дохили мошин ӯро садо кардам ва ба ӯ гуфтам: Рост гуфтӣ! Ӯ лабханде зад ва гуфт: Худованд тӯро дӯст медорад! Агар бо ин оят амал кунӣ дар зиндагӣ муваффақ хоҳӣ шуд ва вақте ба хона расидам ва телевизионро равшан кардам ногаҳон дидам, ки ҳамон оят аз он пахш мешуд!

Дар бораи он чӣ ӯ гуфта буд, бо худам фикр кардам... ва билофосила рафтам ва Қуръонро боз кардам, дидам дақиқ ҷойеро боз кардаам, ки ин оят навишта шудааст!

Он шаб нахобидам... на ин ки битарсам, балки он чӣ иттифоқ афтода буд, зеҳни маро бо худ машғӯл карда буд. Он шаб фикр мекардам: (Садоқати ӯ намоён шуд! Ва чӣ гӯна барои ман чунин ва чунон шуд?! ва чӣ тавр ва чӣ тавр?). Баъд аз чанд рӯз яке аз дӯстони Шиъаам, ки аз минтақаи мо буд, ба ман гуфт: Аз мардуми минтақа шунидам, ки фалонӣ -манзураш ҳамон марде буд, ки ба илм ва дурусткорӯ маъруф буд- ба мардум гуфтааст, ки ӯ

бо хабар шуда, ки Қузайбӣ дубора Шиъа хоҳад шуд, хандидам ва гуфтам: Оё ӯ ғайб медонад ё ҷодӯгар аст?!

Дар ин ҳангом дар мавриди суханони худ ба фикр фуру рафтам, оре! чаро ҷодӯгар набошад?!

Вақте сухани дӯстам ва суханоне, ки ӯ бо ман дар миён гӯзошта буд ва ояте, ки бароям такрорӣ мешудро ҷамбандӣ кардам. Аз худам пурсидам: Ин мард дақиқан аз ман чӣ мехоҳад?

Яке аз дӯстони падарам, ки аз ҳамон минтақа буд, дар мавриди ин шахс аз эшон пурсидам. Ӯ ба ман гуфт: Эй мард чунон, ки мардуми минтақа фикр мекунанд фарди солеҳ ва дурусткоре нест, балки фардест, ки бо ҷинҳо сарукор дорад.

Чанд рӯз гӯзашт ва он мард мекушид, то маро қонеъ кунад, ки хайрхоҳи ман аст ва манро қонеъ кунад, ки хайр дар пайравӣ аз мазҳаби Аҳли Байт аст (дар сурате, ки Аҳли Байт аз ӯ ва амсоли ӯ безоранд).

Дӯст доштам ӯро биёзмоям ва бидонам, ки чӣ дорад, бинобарин дар чанд ҷаласа бо ӯ дар мавриди тавҳид ва ширк баҳс ва муноқаша намудам ва медидам, ки тавони посух бо пурсишҳои маро надорад.

Дар ҷаласае, ки теъдоди зиёде аз Шиъаён ва баъзе аз Суннихои минтақа ҳузӯр доштанд, баъзе аз масоили мутаъаллиқ ба ширкро барои ӯ матраҳ кардам ва низ он чӣ ӯ он шаб бо ман карда буд, баршумурдам, аммо ӯ натавонист ҷавоб диҳад, балки бо фирор аз ҷаласа ҳамаро ҳайратзада кард ва ин гӯна ҳақиқати ӯ ошкор шуд ва расво гардид. Дар ин вақт ба ёди гуфтаи Илоҳӣ афтодам, ки мефармояд:

﴿وَلَا يُفْلِحُ السَّاحِرُ حَيْثُ أَتَى﴾[1].

"Ҷодӯгар ҳар куҷо, ки биёяд муваффақ намешавад".

Ва мефармояд:

﴿إِنَّ كَيْدَ الشَّيْطَانِ كَانَ ضَعِيفًا﴾[2].

"Бе шак макри шайтон заъиф аст".

Аммо ӯ ба ин басанда накарда, балки тамоми кушиши худро харҷ мекард, то аҳолии минтақаро аз ман дӯр кунад, то мабодо касе аз ман мутаассир шавад. Ӯ иддаъо мекард, ки ман ният ва аҳдофи палиде дорам! Аммо талошҳои ӯ ба шикаст анҷомид, ва расво шуд ва мардум ба ҳақиқати ӯ пай бурданд ва аз он рӯз дигар камтар аз хонаи берӯн меомад ва дар минтақа бо номи ҷодӯгар маъруф шуд ва ҳар вақт бо касе аз аҳолии минтақа рӯ ба рӯ мешуд, мекушид то корашро тавҷеҳ кунад ва иддоъо мекард, ки он чӣ ӯро барои иқдом ба чунин корҳое маҷбур сохтааст, ин буда, ки ӯ ҳадаф ва нияти хайр доштааст.

Намедонам чаро бо оёт ва аҳодиси сареҳе, ки ҷодӯгарӣ ва ҷодӯгаронро маҳкум менамояд ва бо кофир буданашон тасреҳ мекунад, нигоҳ намекунад!!

Ва чаро ба ҷойи далел ва бурҳон ба василаи ҷодӯ ва шаъбадабозӣ аз худ дифоъ мекунанд?!

Ривоят дорем, ки Паёмбар(с) фармуд: "Аз ҳафт чизи ҳалоккунанда парҳез кунед" гуфтанд: онҳо чӣ ҳастанд? Фармуд: "Ширк варзидан бо Худо ва ҷодӯгарӣ..."[3].

Ва имом Ҷаъфари Содиқ (р) аз ҷадди худ, Алӣ (р) ривоят мекунад, ки гуфт: "Ҳар кас чизе аз сеҳр биёмузад, кам бошад ё зиёд, куфр варзидааст"[4].

---

[1] : Сураи Тоҳо 69

[2] : Сураи Нисо 76

[3] : Васоилуш-шиъа 15/330 ва Биҳорул-анвор 78/113

[4] : Васоилуш-шиъа 17/148 ва Биҳорул-анвор 67/210

Ва аз имом Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: "Ҳар кас назди фолбин ва коҳине рафт ва гуфтаҳои ӯро тасдиқ кард, ба ростӣ, ки ба он чӣ бо Муҳаммад (с) нозил шуда аст, куфр варзидааст)[1].

**Таъассуби ваҳшиёна.**

Вақте таъассуб ба охирин ҳадди худ мерасад, меҳрубонӣ ва ахлоқро аз дасти мутаъссибон мегирад ва дар як вақт корҳои хандаовар ва гиряовар аз онҳо сар мезанад.

Дӯ мавридро дар ин хусус баён мекунам: Як мавриде, ки барои худам баъд аз Суннӣ шуданам иттифоқ афтод ва дуввуми мавриде, ки барои кӯдаке пеш омад, ки аз таъассуботи мо, ки тару хушкро месузонад, чизе намефаҳмид.

Баъд аз намози Аср аз масҷид берӯн омада будам, ки чашми пиразани Шиъа ба номи (Умми Иброҳим) ба ман афтод. Ӯ маро ва хонаводаамро хуб мешинохт. Ӯ халтае дар даст дошт, ки чизҳое барои хона харид карда буд. Баъд аз он ки ба ӯ салом кардам, аҳволи ман ва модарам ва мадарбузургам ва хоҳарамро пурсид, сипас халтаро аз даст ӯ гирифтам, то ӯро кӯмак кунам ва ба хонааш бирасонам, ки наздики масҷид буд, вақте ба хона расидем, аз ман пурсид: аз куҷо омадӣ? гуфтам: Аз масҷид. Инҷо буд, ки хашмгин шуд ва ба чеҳраам туф кард ва гуфт: Худованд рӯятро сиёҳ кунад! Ба ман гуфта буданд, ки тӯ Суннӣ шудаи, аммо ман суханашонро бовар накардам!

Аммо достони кудак (Умар бин Алӣ)ро, яке аз амакҳояш қисса карда гуфт: Модарбузурги Умар пиразани куҳансоле аз аҳолии Қузайбия аст, ки робитаи муҳкаме бо

---

[1] : Мустадракул-васоил 13/100

занони Шиъаи минтақа дошт, то ҷое ки гоҳе бо ҳамроҳи онон бо маросими азодорӣ мерафт. Рӯзе ӯ бо занон нишаста буд ва нувосааш ки номаш (Умар) буд, ҳамроҳи ӯ буд. Умар чунон кучак буд, ки ҳанӯз наметавонист гап занад. Умар дар гӯшае каме он тарафтар аз маҳали азодорӣ бо бачаҳо бозӣ мекард, ногаҳон ба замин афтид ва гиря кард. Яке аз занон (ки аз минтақаи ҳамсоя буд) кӯшид, то ӯро саргарм кунад, то ором шавад ва гиря накунад. Бинобарин аз ӯ пурсид: Номат чист фарзандам? Кудак ба ӯ гуфт: Умал, яъне (Умар), дубора он зан пурсид чун нафаҳмид, ки Умар чӣ мегӯяд, ва боз кудак ҳамон ҷавобро дод. Дар ин вақт модарбузурги кудак гуфт: исми ӯ Умар аст. Ногаҳон модарбузурги Умар дид, ки он зан дорад кудакро телла медиҳад ва ба ӯ мегӯяд бирав... *Лаънати Худо бар тӯ ва бар Умар ва бар касе бод, ки тӯро Умар номидааст ва лаънати Худо бар касе бод, ки писарашро Умар меномад...*[1]! Дар ин ҳангом модарбузурги Умар аз маҳали азодорӣ берун рафт ва ҳар гиз бо он ҷо бознагашт.

## **Таърихи Аҳли байт ва ақидаи имомат**.

Агар ба тарихи Шиъа нигоҳ кунед хоҳед дид, ки ақидаи имомат, ки Шиъаёни имрӯз бар асоси он дӯстӣ ва душманӣ меварзанд, то замоне, ки имом Ҳасани Аскарӣ вафот кард ва Шиъа баъд аз вафоти ӯ ба чандин гуруҳ аз ҷумла

---

[1]: Ин зан ноогоҳона Аҳли байтро лаънат кард, зеро Табресӣ дар Аълонулварсо 1/213 ривоят карда аст, ки номи яке аз писарони Ҳасан (Умар) будааст, ва имоми Зайнулоъобидин яке аз писаронашро Умар ном гӯзошт, чунон, ки шайх Аббоси Қуммӣ дар Мунтаҳал-омол 2/59 инро баён кардааст, ва Ардабилӣ дар китоби Ал-ғумма фи маърифатил-аймма 3/31 баён дошта, ки имом Мусо Козим фарзанде ба номи Умар дошт, пас нигоҳ кунед, ки таъассуб чи гӯна инсонро бо сӯйи ҳалокат тела медиҳад!

Исноашарӣ в Исмоилӣ тақсим шуданд, барои худи Шиъа ҳам комил ва мушаххас набуд.

Дар он рӯз андешаи инқилоб алайҳи Амавиҳо ва Аббосиҳо ва ҳақдортар будани Алавиҳо ба Хилофат бар ҳамаи Шиъа муставлӣ буд ва хостгоҳи ҳаракати дастаҳои Шиъа дар он вақт буд, бидуни он ки ҷадвали дарвозаи имом мушаххас шуда бошад. Бинобарин бештари Шиъаҳо зиёд Аиммаи Аҳли байтро ташхис намедоданд, балки бо ҳар ҳаракате, ки имом ё фарди шӯришӣ онро раҳбарӣ мекард, ҳамроҳ мешуданд, чуноне, ки бо ҳаракати имом Зайд бин Алӣ ва ҳаракати Зиннафсуззакия ва ғайра ҳамроҳ шуданд.

Агар ба даврони баъд аз кушта шудани Ҳусайн(р) бингарем мебинем, ки Алӣ бин Ҳусайн (Зайнулъобидин)- ки имоми чаҳорум Шиъаи дувоздаҳимома аст- аз ҳаёти сиёсии Шиъа канорагирӣ карда буд ва раҳбариро ба касони дигар аз Аиммаи Аҳли Байт супурда буд, ки Шиъаро раҳбарӣ мекарданд ва ба мушкиллоташон ва шӯришҳояшон мепардохтанд. Ӯ аз раҳбарии Шиъа канорагирӣ ҷӯста ва ба ибодат машғӯл шуда буд ва зуҳд ва намоз ва ибодати зиёди ӯ маъруф аст, то ҷое, ки Муфиди Ардабилӣ мугӯяд, ки ӯ дар ҳар шабу рӯз ҳазор ракаъат намоз мехонд[1], ва он чӣ аз имом нақл мешавад, фақат мавъизаҳо ва дӯоҳо ва баъзе аҳкоми шаръӣ ҳастанд, ки маъмӯлан уламо бадон фатво медиҳанд. Ин халои возеҳ дар қазияи ба уҳда гирифтани имом Зайнулъобидин имоматро боис шуд, то уламои Шиъа бикушанд, ин нақсро бо баёни чанд достон ба унвони муъҷизаи ӯ ва бо ситоиши ӯ ҷуброн кунанд ва имомати ӯро собит намоянд, бо ин ки воқеъияти Шиъа дар он вақт бо ин ишора мекунад, ки Шиъаён бо

[1] : Ал-иршод 256 ва Кашфул-ғумма 2/293

хотири илм ва фазли Зайнулъобидин ӯро эҳтиром мекарданд, на аз ин дидгоҳ, ки ӯ раҳбари сиёсӣ ё як имом аст[1].

Бинобарин Зайд бин Алӣ (р) вақте ба Куфа омад аз назарияи Мӯмини Тоқ ва ҳамроҳонаш, ки қоил ба имомати падараш Алӣ бин Ҳусайн (Зайнулъобидин) буданд, таъаҷҷуб кард ва гуфтугӯе байни ӯ ва Мӯмин Тоқ анҷом шуд. Ба Мӯмин Тоқ гуфт: "Эй Абӯҷаъфар! Ман бо падарам (Алӣ бин Ҳусайн) сари дастархон менишастам, ӯ луқмаи чарбро дар даҳони ман мегӯзошт ва аз он ҷо, ки нисбат ба ман меҳрубон буд, луқмаи гарм ва доғро бароям сард мекард, пас чӣ гӯна ба ин фикр наафтод, ки маро аз ҷаҳаннам наҷот диҳад ва дар ин маврид дилаш бо ҳоли ман насухт ва тӯро аз дин огоҳ кард ва маро аз он огоҳ накард?!).

(Мӯмин Тоқ) дар посухи ӯ гуфт: (Фидоят шавам, чун мехост тӯро аз гармои дӯзах наҷот диҳад, тӯро хабар надод, зеро тарсид, ки агар қабул накунӣ вориди дӯзах мешавӣ ва маро бохабар кард... агар бипазирам ноҷот меёбам ва агар қабул накунам ӯ парвое надорад, ки вориди дӯзах шавам, чунон ки Яъқуб хоберо дида буд, аз фарзандаш пинҳон кард!).

Фикр кунед! Писари имом аз имомати падараш хабар надорад ва аз падараш онро нашунида аст ва дар замони худ аз ин ки падараш имом аст, хабар надорад, сипас (Мӯмин Алтоқ) ва амсол ӯ аз аҳли Куфа меоянд ва баъд аз марги падараш (Зайнулъобидин) чунин иддаъое мекунанд!

---

[1] : Бояд ишора кард, ки ҳар кас бо роҳатӣ метавонад ба дуруғ ба касе, ки дӯст дорад, муъҷизае нисбат диҳад. Исмоилиҳо дар мавриди имом Исмоил бин Ҷаъфари Содиқ барои он, ки имомати ӯро собит кунанд, достонҳое дурӯст карданд ва Руфоъия достонҳои зиёде дар бораи Руфоъӣ ва муъҷизоташ сохтанд ва ҳамчунин фирқаҳои Тиҷония... Пас сохтани достон хеле роҳат аст, аммо воқеъияти он замон эътибор дорад.

Ин бахше аз тарихи Шиъа аст, ки набояд бо он бе таваҷҷуҳ буд ва бахшҳои дигар ҳастанд, ки барои нақз назарияи имомат ба унвони мансаби Илоҳӣ кофӣ ҳастанд.

Аҳодиси зиёде ҳаст, ки бо сароҳат мегӯяд, ки мумкин аст Шиъа имомро нашиносанд ва ин аҳодис мавзеъеро, ки Шиъа бояд дар он шароит иттихоз кунад, баён медоранд, бинобарин он чӣ ин аҳодис мегӯянд ба ақидаи имомат, ки Шиъа онро мансаби Илоҳӣ медонанд ва мегӯянд ҳар Шиъа бояд ҳар дувоздаҳ имомро бидонад, мутобиқ нест.

Кулайнӣ дар Ал-кофӣ ривоят кардааст, ки марде аз Абӯ Абдуллоҳ (р) пурсид: Агар рӯзе аз зиндагиям гӯзашт, дар ҳоле, ки имомеро намедидам, ки бо он иқтидо кунам чӣ кор кунам? ӯ гуфт: "Ҳар касро, ки мехоҳӣ дӯст бидор ва бо ҳар кас, ки мехоҳӣ душманӣ кун, то он ки Худованд имомро ошкор кунад"[1].

Ва Саддӯқ аз имоми Содиқ ривоят карда, ки гуфт: "Чӣ гӯна хоҳед буд, замоне, ки солҳо аз умратон сипарӣ кунед дар ҳоле, ки имоми худро намешиносед?... гуфта шуд: чунин бошад чӣ кор кунем? Гуфт: Ба имоми аввал тамассук биҷӯед, то он ки бароятон равшан шавад"[2].

Ва Кулайнӣ ва Саддуқ ва Муфид аз Исо бин Абдуллоҳ Алавӣ Умарӣ ва ӯ аз Абӯ Абдуллоҳ Ҷаъфар бин Муҳаммад (р) ривоятм мекунад, ки гуфт: "Ба ӯ гуфтам: Фидоят шавам! Агар иттифоқе афтад -Худо доғи тӯро ба дилам нагузорад- ба чӣ касе иқтидо кунам? Гуфт: Имом ба Мусо ишора кард. Гуфтам: Агар Мусо набошад, ба чӣ касе иқтидо кунам? Гуфт: Ба фарзандаш. Гуфтам: Агар фарзандаш рафт ва бародари бузург ва фарзанди кучак аз худ бо ҷо гӯзошт, аз кадом як пайравӣ кунам? Гуфт: Аз фарзандаш. Ин гӯна то

[1] : Ал-кофӣ 1/342

[2] : Икмолуддин 348-350-351

охир. Гуфтам: агар ӯро намешинохтам ва ҷояшро намедонистам чӣ кор кунам? Гуфт: Бигӯ: Бори Худоё! ман ҳар касе аз ҳуҷҷатҳои тӯ аз фарзандони имоми гӯзашта боқӣ мондаро дӯст дорам...! Ҳамин бароят кифоят мекунад".

Ва ривоятҳои дигаре аз Зурора бин Аъюн ва Яъқуб бин Шуъайб ва Абдуаъло ҳаст, ки онҳо аз имоми Содиқ пурсиданд, ки агар барои имом иттифоқе афтод, мардум чӣ кунанд? Гуфт: Ҳамон гӯна бошед, ки Худо фармудааст: ﴿وَمَا كَانَ الْمُؤْمِنُونَ لِيَنفِرُوا كَافَّةً ۚ فَلَوْلَا نَفَرَ مِن كُلِّ فِرْقَةٍ مِّنْهُمْ طَائِفَةٌ لِّيَتَفَقَّهُوا فِي الدِّينِ وَلِيُنذِرُوا قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوا إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ﴾[1].

"Шоиста нест мӯъминон ҳамагӣ (ба майдони ҷиҳод) бароянд. Чаро аз ҳар гурӯҳе аз онон, тоифае намебароянд (ва тоифае дар Мадина бимонанд), то дар дин (ва маъорифи аҳкоми Ислом) огоҳӣ ёбанд ва ба ҳангоми бозгашт ба сӯй қавми хеш, онҳоро бим диҳанд! Шояд (аз мухолифати фармони Парвадигор) битарсанд ва худорӣ кунанд!"

Гуфтам: Ҳолашон чӣ гӯна хоҳад буд? Гуфт: Онҳо маъзуранд. Гуфтам: Фидоят шавам! Ҳоло ононе, ки мунтазиранд, то ҷӯяндагори фиқҳ ва дониш, баргарданд, чӯна хоҳад буд? Гӯф: Худованд бар тӯ раҳм намояд, оё намедонӣ, ки Муҳаммад ва Исо аз ҳамдигар ду саду панҷоҳ сол фосила доштанд ва мардумоне бо интизор барои дини Муҳаммад бар дини Исо мурдаанд ва Худованд бо онон дӯ бор подош додааст!.

Гуфтам: Агар барои омухтани таълимоти Исломӣ ба роҳ афтодем ва афроде дар миёни роҳ мурданд, чӣ гӯна хоҳад буд? Гуфт:

---

[1] : Сураи Тавба 122

﴿وَمَن يُهَاجِرْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ يَجِدْ فِي الْأَرْضِ مُرَاغَمًا كَثِيرًا وَسَعَةً ۚ وَمَن يَخْرُجْ مِن بَيْتِهِ مُهَاجِرًا إِلَى اللَّهِ وَرَسُولِهِ ثُمَّ يُدْرِكْهُ الْمَوْتُ فَقَدْ وَقَعَ أَجْرُهُ عَلَى اللَّهِ ۗ وَكَانَ اللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا﴾[1].

"Касе, ки дар роҳи Худо ҳиҷрат кунад, дар рӯи замин бархӯрдориҳои бисёр ва кушоишҳо хоҳад ёфт. Ва ҳар кас, ки аз хонаи хеш берун ояд, то ба сӯи Худо ва расулаш ҳиҷрат кунад ва он гоҳ марг ӯро дарёбад, муздаш бар ӯҳдаи Худост ва Худо омурзандаву меҳрубон аст".

Гуфтам: Мо ба Мадина омадем ва дидем, ки соҳиби ин кор хонаашро бастааст. Гуфт: Ин чиз ҷӯз бо амри равшане анҷом намешавад. Ман ҳам вақте ба Мадина омадам, гуфтам: Фалонӣ чӣ касеро ҷонишини худ кардааст, гуфтанд: Фалониро[2]. Балки ривоёти зиёде ҳаст, ки ба ин ишора мекунад, ки имомон худашон аз имомати худ ва ё имомати имоми баъдӣ хабар надоштанд, магар замоне, ки маргашон наздик мешавад, чӣ расад ба Шиъаи Имомия, ки баъд аз вафоти ҳар имоме дучори ҳайрат ва ихтилоф мешуданд ва ба ҳар имоме мутавассил мешуданд, то имоми баъд аз худро мушаххас кунад ва ном бибарад, то ин тавр набошад, ки айимма бимиранд ва онҳо имоми тозаро надонанд ва бештари Шиъа дар ташхиси имом ҳайрон мешуданд.

Дар китоби (Басоируд-дароҷот), Абӯ Ҷаъфар Муҳаммад ал-Саффор –аз ёрони имом Ҳасани Аскарӣ- бобе бо ин унвон ҳаст, ки:

(باب في الأئمة أنهم يعلمون إلى من يوصون قبل موتهم مما يعلمهم الله)[3].

---

[1] : Сураи Нисо 100

[2] : Тафсири Аёшӣ 2/117-118 ва Ал-имомия ва Ал-табсира минал-ҳираҳ 226 ва Икмолуддин 75

[3] : Басоируд-дараҷот 435

"Боб дар баёни ин ки Аймма қабл аз он ки бимиранд, чун Худо бо онҳо омӯхта аст, медонанд, ки чи касеро васӣ ва ҷонишин худ бинамоянд".

Ӯ дар ин боб чанд ривоят зикр кардааст, аз он ҷӯмла ривоятест, ки Абдурраҳмони Хаззор аз Абӯ Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки гуфт: "Исмоил бин Иброҳим писари кӯчаке дошт, ки онро дӯст медошт ва Исмоил ӯро мехост, аммо Худованд чунин накард ва гуфт: эй Исмоил! Васии тӯ фулонӣ аст! Ва вақте, ки Исмоил вафот кард ва васӣ ва ҷонишини ӯ омад, гуфт: Фарзандам! Вақти марг фаро расид, чунон кун, ки ман кардам, пас бинобарин ҳеҷ имоме намеравад, магар он, ки Худованд ба ӯ хабар медиҳад, ки чӣ касеро ҷонишини худ кунад!

Ва ҳамчунин дар китоб (Басоируд-дараҷот) бобест бо унвони: (Боб дар мавриди ин ки имом қабл аз мурданаш медонад, ки чи касе баъд аз ӯ имом хоҳад шуд) ва ба хотири ин норушание, ки дар ақидаи мансус будани имомат вуҷуд дорад - ки ҳатто худи имом то андаке қабл аз маргаш, имоми баъд аз худро намедонад- умуми Шиъа ҳайрон шуданд, ки чӣ касе баъд аз марги имом, ҷонишин ӯст, чӣ бирасад ба ровиёни бузург ва ёрони аймма!

Зурора бин Аъюн, яке аз ёрони бузурги имом Боқир ва Содиқ дар ҳоле вафот кард, ки намедонист, ки баъд аз имом Содиқ чӣ касе имом аст! Ӯ писараш Абдуллоҳро аз Куфа ба Мадина фиристод, то барои ӯ хабар биёварад, ки имоми ҷадид кист, аммо маргаш фаро расид ва Қуръонро бар синааш гузошт ва гуфт: (Бори Худоё! Гувоҳ бош, ман аз касе пайравӣ мекунам, ки ин Қуръон имомати ӯро собит кардааст)[1].

[1] : Икмолуддин 75-76

Агар ӯ ва дигар ёрони аимма медонистанд, ки баъд аз Ҷаъфари Содиқ имом аст, ӯ ба имомати Козим имон меовард ва ниёзе набуд, ки бипурсад ва дар ин мавриди машкук бошад.

Саффор ва Кулайнӣ ва Муфид ва Кашшӣ гуфтаанд, ки барҷастатарин ёрони аимма, монанди Ҳишом бин Солим Ҷалоликӣ ва Муҳаммад бин Нуъмон ал-Аҳвал –дар ибтидои амр- бар ин бовар буданд, ки баъд аз Ҷаъфари Содиқ, Абдуллоҳ бин Афтаҳ имом аст ва ӯ аз ривояте истинод мекунад, ки аз Абӯ Абдуллоҳ ривоят шудааст, ки гуфт: "Масъалаи имомат ба фарзанди бузургтар таъаллуқ мегирад, то вақте ки айбе надошта бошад". Ва Аммор Соботӣ, ки аз ёрони имом Боқир ва Содиқ аст, то охир бар ин исрор мекард, ки Абдуллоҳ бин Афтаҳ имом аст[1].

Ҳишом бин Солим Ҷаволиқӣ мегӯяд, ки ӯ ҳамроҳи теъдоде аз Шиъаён назди Абдуллоҳ бин Афтаҳ омаданд ва дар мавриди бархе аз масоили фиқҳӣ аз ӯ пурсиданд ва ӯ посӯхи дурусте ба онҳо надод, ки ин амр боис шуд, то онҳо дар имомати ӯ дучори тардид шаванд ва аз пеш ӯ ҳайрон ва роҳгумкарда берӯн раванд...мегӯянд: Мо берӯн омадем ва дар яке аз кӯчаҳои Кӯфа нишастем ва гиря мекардем ва ҳайрон будем ва намедонистем куҷо ва пеши чӣ касе биравем ва мегуфтем: Пеши Мурҷиа биравем? Оё пеши Зайдия биравем? Оё ба сӯйи Муътазила биравем?! Ба сӯйи Хаворич биравем?!...

Мо дар ҳамин ҳол будем, ки ногаҳон пирамардеро дидем, ки бо даст ба сӯйи мо ишора кард. Ман ӯро намешинохтам, ӯ ба ман гуфт: Ворид шав! Худо бар тӯ раҳм намояд! Ман ворид шудам, ногаҳон дидам, ки ӯ

---

[1] : Ал-кофӣ 1/351-352 ва Ал-иршод 391 ва Басоируд-дараҷот 250-251 ва Риҷолул0кашшӣ, шарҳи ҳоли Ҳишом бин Солим

Абӯлҳасани Мӯсо аст. Ӯ гуфт: на ба сӯйи Мурҷиъа ва на ба сӯйи Қадария ва на Зайдия ва на ба сӯйи Хаворич бираведǃ... бо сӯйи ман биёед, ба сӯйи ман биёед...!

Гуфтам: Фидоят шавам! Падарат аз дӯнё рафт? Гуфт: бале. Гуфтам: Баъд аз ӯ чӣ касе имоми мо хоҳад буд? Гуфт: Агар Худо бихоҳад, шуморо ҳидоят кунад, шуморо ҳидоят хоҳад кард. Гуфтам: Фидоят шавам! Тӯ ҳастӣ? Гуфт: На, ман инро намегӯям. Бо худ гуфтам: Шояд дурӯст напурсидам, сипас гуфтам: Фидоят шавам, оё тӯ имоме дорӣ? Гуфт: На. Онгоҳ чунон ҳайбат ва шикваи ӯ маро фаро гирифт, ки Худо медонад"[1].

Дар ин ривоят Ҳишом мегӯяд, ки мардум дар оғози кор ҳадди аққал Абдуллоҳ бин Афтаҳро ба унвони имом пазирӯфтанд, ва бузургони Имомия ҳеҷ нассеро намедонистанд, ки имом Козимро имом қарор дода бошад ва хоҳ Ҳишом бин Солим ва ёронаш аз пазируфтани имомати Абдуллоҳ бин Афтаҳ дар даврони ҳаёти ӯ баргашта бошанд, ё барнагашта бошанд, Афтаҳ ҳафтод рӯз пас аз вафоти падараш даргузашт бидуни он, ки фарзанде дошта бошад, ки имомат дар насли ӯ идома пайдо кунад ва ин он чизе буд, ки буҳрони ҷадиде дар суфуфи Имомияи он замон эҷод кард. Гурӯҳе ӯро аз ҷадвали аймма ҳазф карданд ва боварии қаблии худро дар хусуси имомати ӯ пас гирифтанд ва ба имоми ҷадид (Мусо бин Ҷаъфар) имом оварданд, ки Мусавӣ номида мешаванд ва гуруҳи дигаре монанди (Абдуллоҳ бин Бакр ва Аммор бин Мусо) ботинӣ гуфтанд ӯ имом буд, ва баъд аз бародараш имом аст ва инҳо ба Қатҳиъа маърӯфанд ва инҳо аз ёрони бузурги имоми Содиқ ва бақияи аймма буданд.

---

[1] : Ал-кофӣ 351 ва Ал-иршод 291 ва Басоируд-дараҷот 250-251 ва Мунтаҳал-омол 2/258 ва Риҷолул-кашшӣ шарҳи ҳоли Ҳишом.

Фикр накунед, ки баъд аз ин ҳайрат ва тардид ва дудилагӣ, масъала барқарор ва устувор гардид, балки баъд аз буҳрони васият барои имомати Исмоил ва бадо дар он ва буҳрони Абдуллоҳ Афтаҳ ва марги ӯ бидуни он ки фарзанде дошта бошад ва сипас буҳрони имомати Козим ва вафоти ӯ дар зиндони Ҳорунаррашид дар соли 183 ҳиҷрӣ ва ба сурати мармӯзе, ки ҳатто бештари Шиъаи Мусавӣ дар он замон, мегуфтанд, ки имом аз зиндон фирор карда ва ғоиб шудааст ва намурдааст.

Ҳамаи ин буҳронҳо наздик буд, ҷони имомат ва ҳаёти онро бо поён бирасонад. Вафоти имом Козим печида ва мубҳам буд, ба тавре, ки бисёре аз шогирдон ва фарзандон ва ёронаш, қазияро дақиқ намедонистанд ва аз миёни касоне, ки қазия бар эшон мушаббаҳ ва номаълум буд, аҳли иҷмоъ ва ровиёни сиққае монанди Алӣ бин Абӯҳамза ва Алӣ бин Хаттоб ва Ғолиб бин Усмон ва Муҳаммад бин Исҳоқ бин Аммор Тағлибӣ Сайрафӣ ва Исҳоқ бин Ҷарир ва Мусо бин Бакр ва Ҳайб бин Ҳафс Ҷарирӣ ва Яҳё бин Ҳусайн бин Зайд бин Алӣ бин Ҳусайн ва Яҳё бин Қосим Ал-Ҳазо (Абӯ Басир) ва Абдурраҳмон бин Ҳуҷҷоҷ ва Руфоъа бин Мусо ва Юнус бин Яъқуб ва Ҷамил бин Дарроҷ ва Ҳаммод бин Исо ва Аҳмад бин Муҳаммад бин Аби Наср ва Оли Меҳрон ва касони дигаре аз шогирдон ва ёрони сиққаи ӯ буданд[1].

Иллати аслии таваққуфи Шиъаи Мусавӣ бар имоми Козим ва напазируфтани имомати писараш, Алӣ Ризо вуҷуди ривоёти зиёде аст, ки ҳикоят аз маҳдудияти имом Козим дорад ва мегӯяд, ки қатъан рӯзе зуҳур хоҳад кард ва

---

[1] : Ал-Ғайба, Тусӣ 47 ва Ал-Кофӣ 1/34 ва Уюну ахборирризо 39.

Тусӣ дар китоби (Ал-ғайба) ба баъзе аз ин ривоёт ишора карда ва онро мавриди муноқаша қарор додааст[1].

Ва Шиъаён дар он рӯз ба шак дар мавриди имом Ризо афзуданд, зеро ҳадисе назди онҳо шоэъ буд, ки (имомро фақат имом ғусл медиҳад), бинобарин мегуфтанд: Алӣ Ризо чи гӯна падарашро, ки дар Бағдод вафот кард ва ӯ дар Мадина буд, ғусл дод?!![2].

Мансус будани имомати Алӣ Ризо бин Мусо Ризо на танҳо барои умуми Шиъаён мубҳам ва номаълӯм буд, балки чунон, ки тарих мегӯяд: Барои фарзандони имом Козим ва ҳамсараш (умми Аҳмад) низ мубҳам ва номушаххас буд[3].

Ва яке аз ривоёт мегӯяд: Шиъаён вақте дар Мадина хабари марги имом Козимро шуниданд, пеши хонаи имом Аҳмад ҷамъ шуданд ва бо Аҳмад, писари имом Козим байъат карданд ва ӯро бо унвони имом пазируфтанд ва ӯ аз онҳо байъат гирифт[4].

Дар ҳоле, ки Имомия мекушиданд, то ба василаи нусус ва муъҷизаҳо имомати Ризоро собит кунанд, имом Ризо дар соли 203 ҳиҷрӣ дар Хуросон дар гӯзашт ва писараш, Муҳаммад Ҷаввод ҳафт сола буд, ки кучак будани ӯ боиси бурузи бухрони тозае дар суфуфи Имомия гардид ва ба шиддат назарияи расидани мақоми имомат аз падар ба писарро ба мубориза талабид, зеро маъқул набуд, ки Худованд барои раҳбарии мусалмонон кудаки хурдсолеро интихоб ва таъйин кунад, ки ҳаққи тасарруф дар амволи худашро надорад ва аз назари шаръӣ мукаллаф нест ва

---

[1] : Ал-ғайба 29-40

[2] : Ал-кофӣ 1/381

[3] : Манбаи собиқ 1/381-382

[4] : Ҳаёти имом Мусо бин Ҷаъфар аз Боқир Шариф Қурашӣ 41-411, ба нақл аз Туҳфатул-олам, Сайид Ҷаъфар Оли Баҳрулулум 2/87

фурсати омӯхтани илм аз падарашро наёфта аст, зеро падараш ӯро дар Мадина раҳо кард, дар ҳоле, ки чаҳорсола буд[1].

Ва ин қазия сабаб шуд, то шиъаи Имомия ба чанд гуруҳ тақсим шаванд:

1. Фирқае баргашт ва ба Козим таваққуф кард, ва имон доштан ба имомати Ризоро пас гирифт ва имомати Ҷаводро напазируфт.

2. Гуруҳе бародари имом Ризо, Аҳмад бин Мусо, ки бар мазҳаби Зайдия буд ва ба ҳамроҳи Абӯлсароё дар Куфа қиём кард ва мавриди тақдир ва гиромидошти бародараш Ризо буд, ва чунон, ки Ал-муфид[2] дар (Ал-иршод) мегӯяд: Бисёр олим ва муттақӣ ва парҳезгор буд, ӯро ба унвони имом пазируфтанд ва ин гуруҳ мегуфтанд, ки имом Ризо ӯро ба унвони ҷонишин ва имом баъд аз худ таъйин кардааст[3].

3. Гуруҳи дигар аз Шиъаён пиромуни Муҳаммад бин Қосим бин Умар бин Алӣ бин Ҳусайн бин Алӣ бин Абӯтолиб, ки дар Куфа мезист, ҷамъ шуданд. Ӯ ба ибодат ва зуҳд ва парҳезгорӣ ва илм ва фиқҳ, маъруф буд ва дар соли 218 ҳиҷрӣ алайҳи Халифа муътасим дар Толиқон қиём кард[4].

4. Гуруҳи дигар, имом Ҷаводро ба унвони имом пазируфтанд, аммо бо мушкили дигаре бархурд намуданд, зеро мушкил кучак будани имом Ҷавод аз назари Суннӣ бори дигар дар мавриди фарзандаш Алӣ Ҳодӣ такрор шуд, зеро Ҷавод ҳанӯз ба бисту панҷ солагӣ нарасида буд, ки

---

[1] : Ал-мақолот ва Ал-фирақ, Ашъарӣ Қуммӣ, 96-98, ва Фирақу ал-шиъа, Навбахтӣ 88.

[2] : Фирақу ал-шиъа 88, ва Ал-мақолот 97

[3] : Ал-фусулул-мухтор 256

[4] : Муқотилут-толибин 579 ва Тарихи Табарӣ 7/223

вафот кард ва ду фарзандаш Алӣ ва Мусо кучак буданд, ки бузургтаринашон аз ҳафт сол бештар син дошт, ва имом Ҳодӣ дар замони вафот падараш Ҷаввод кучак буд ва падараш васият кард, ки Абдуллоҳ бин Ал-Мисвор аз амвол ва бардагон ҳифозат кунад ва ба ӯ гуфт ҳар гоҳ Ҳодӣ ба синин булуғ расид, онҳоро ба ӯ таҳвил бидеҳ!! Ва Аҳмад бин Абӯ Холид мавлои Абӯ Ҷаъфарро бар ин амр гувоҳ намуд[1].

5. Ва ин амр Шиъаро бар он дошт, то аз худ бипурсанд, ки вақте Ҳодӣ аз назари падараш чун кучак аст, наметавонод аз амвол ва амлоки падараш ҳифозат намояд, пас чӣ касе дар ин муддат имом хоҳад буд?! Ва чӣ гӯна кудаки хурдсоле метавонад имом бошад?! Ва ин ҳамон саволе буд, ки баъзе аз Шиъаён пеш аз ин баъд аз вафоти имоми Ризо вақте имом Ҷаввод кудаки хурдсол буд матраҳ карда буданд ва ин ки аз дӯ бародари Алӣ ва Мусо, кадом як имом аст?! ба ҳайрат ва печидагӣ ва ибҳоми қазия афзуда буд.

Кулайнӣ ва Муфид ин ибҳом ва ҳайратеро, ки ба Шиъа ворид шуда буд дар маврид ин ки чӣ касе баъд аз Ҷаввод имом аст, баён мекунанд ва бузургони Шиъа имоми ҷадидро намедонистанд ва назди Муҳаммад бин Фараҷ гирд омада буданд, ки дар мавриди имомат гуфтугӯ намоянд, он гоҳ фарде омад ва гуфт, ки имоми Ҷаввод ба сурати пинҳонӣ васият карда, ки баъд аз писараш Ҳодӣ имом аст[2].

Ин ҳайрат ва ибҳом дар мавриди имомат сабаб шуд, то Шиъаи Имомия ва пайравони Ҷаввоб ба дӯ гурӯҳ тақсим шаванд:

---

[1] : Ал-кофӣ 1/325

[2] : Ал-кофӣ, 1/324 ва Ал-иршод 328

- Гурӯҳе мегуфт Ҳодӣ имом аст.

-Гурӯҳе мегуфт, бародараш  Мусо Ал-мубарқаъ имом аст[1].

Аммо имом Ҳодӣ бо номзад кардани писараш Муҳаммад ба унвони ҷонишини худ ҳамаро ғофилгир ва ҳайрон кард, аммо ин писар дар даврони ҳаёти имом Ҳодӣ вафот кард ва он гоҳ ӯ писари дигараш, Ҳасани Аскариро ба унвони имом баъд аз худ таъйин кард ва ба ӯ гуфт: Писарам! Шукри Худоро бигзор, дар мавриди тӯ чизи тозае падид омада аст[2].

Кулайнӣ, Муфид ва Тӯсӣ аз Абӯҳошим Довӯд бин Қосим Ҷаъфарӣ ривоят кардаанд, ки гуфт: Назди Абӯлҳасани Аскарӣ будам вақте, ки писараш Абӯҷаъфар вафот кард, ӯ қаблан ӯро ба унвони ҷонишини худ таъйин карда буд, ман бо худам мегуфтам: Ин достони падарам Иброҳим ва Исмоил аст, Абӯлҳасан рӯ ба ман кард ва гуфт: Бале эй Иброҳим! Дар мавриди Абӯҷаъфар чизе барои Худо ошкор ва мушаххас шуд, пас Абӯ Муҳаммадро ба ҷойи ӯ қарор дод, чунон, ки Исмоилро Абӯ Абдуллоҳ таъйин кард, аммо барои Худо чизе дар мавриди Исмоил ошкор шуд ва ин ҳамон тавр аст, ки дар дилат омада ва ботилгароён онро инкор кардаанд... писарам Абӯ Муҳаммад баъд аз ман ҷонишин ман аст, шумо ҳар чӣ ниёз доред, назди ӯ ҳаст ва алҳамдулиллоҳ василаи имомат дар дасти ӯст[3].

Ва ҳамон тавр, ки Исмоилия вафоти Исмоил бин Ҷаъфарро, чун Ҷаъфари Содиқ ӯро ба унвони ҷонишини

---

[1] : Фирақуш-шиъа 91

[2] : Ал-кофӣ 1/326-327 ва Басоируд-дараҷот, Саффор 473 ва Ал-иршодулмуфид 337 ва Ал-ғайба, Тусӣ 122.

[3] : Ал-кофӣ 1/328, Ал-ғайба 55-130, Ал-иршод 337, Биҳорул-анвори Маҷлисӣ 50/241.

худ таъйин карда буд, инкор карданд гурӯҳе аз пайравони имом Ҳодӣ вафоти писараш Муҳаммадро напазируфтанд ва гуфтанд, ки ӯ зинда аст ва гуфтанд имоми Ҳодӣ аз рӯйи тақия ва пушондани ҳақиқат гуфта, ки фарзандаш вафот кардааст!!

Аммо вафоти Ҳасани Аскарӣ дар Сомиро дар соли 260 ҳиҷрӣ бидуни он, ки ҷонишине дошта бошад, бuҳрони сахте дар суфуфи Шиъаи Имомия, ки ба зарурати истимрори имомат ба унвони мансаби Илоҳӣ баъд аз ӯ буданд, эҷод кард.

Бинобарин, тибқи гуфтаи Қуммӣ дар (Алмақолот вал-фирақ) ва тибқт қавли Навбахтӣ дар (Фирақуш-шиъа) ва Ибни Аби Зайнаб Нуъмоӣ дар (Ал-ғайба) ва Саддуқ дар (Икмолуддин) ва Муфид дар (Ал-иршод) ва Тусӣ дар (Ал-ғайба) ва дигар уламои Шиъа ба чаҳордаҳ гурӯҳ тақсим шуданд.

**Маҳдии Мунтазар.**

Имон доштан ба ин ки Маҳдӣ дар охири замон меояд ва ӯ аз аҳли Байт Паёмбар(с) ва аз фарзанди Фотимаи Заҳро аст, амри яқинӣ аст, ки дар он ҳеҷ шак ва тардиде нест, ва Аҳли Суннат ва Шиъа дар ин маврид бо ҳам ихтилофе надоранд.

Ман чун ҳар Шиъае омухта будам, ки ба шахсияти (Соҳиби замон) вобаста бошам, аз кудакӣ ёд гирифта будам, ки имоми ман лақабҳои зиёде дорад, ӯ (Ҳуҷҷатуллоҳ) аст, ӯ (Қоим) ва (Соҳиби замон) аст ва (Абӯ Солеҳ) ва (Валии аср) ва... аз лақабҳои ӯ ҳастанд, аммо интизор надоштам, ки ин шахсият, ки аз кудакӣ ба ӯ вобаста ва умедвор будам, шахсияти хаёлӣ ва ғайри воқеъӣ бошад ва аз баски имомро дӯст доштам, ҳар гиз дар ин

мавриd фикр накарда будам, аммо пажуҳиши озод ва бетарафона, ин ҳақиқатро барои ман ошкор кард.

**Лақаби соҳиби замон маро такон дод!**

Яке аз масоили муҳиме, ки ба ман зарба зад, баъзе аз лақабҳои Соҳиби замон буд, ки Аллома Нӯрии Табресӣ дар китоби (Анначмус-соқиб фи аҳволил-имомил-ҳуччатил-ғоиб) зикр кардааст.

Алломма Нӯрии Табресӣ ниёз ба муъаррифӣ шудан надорад, ҳамин кофист, ки бидонӣ Шайх Аббоси Қуммӣ ва Шайх Оғо Бузурги Теҳронӣ ва Шайх Муҳаммад Ҳусайн Оли Кошифулғито ва Сайид Абдуҳусайн Шарафиддин Мусавӣ, муаллифи китоби Ал-мурочаъот аз шогирдони ӯ ҳастанд.

Нӯрии Табресӣ мегӯяд, ки яке аз лақабҳои имоми замон, (Хусрави Мачӯсӣ)[1] аст ва ин лақаби чиҳилу ҳафтуми имом аст!

Чӣ фочеъа ва мусибати бузурге!

Чӣ гӯна мумкин аст, ки имоми мо (Хусрави Мачӯс) номида шавад?! Мачӯсиҳо чӣ рабте бо соҳиби замон доранд?!

Соҳиби замон меояд, то аз душманони Аҳли Байт ва дар раъси онҳо аз Абӯбакр ва Умар интиқом бигирад... Ин гӯна ёд гирифта будем ва Умар бин Хаттоб ҳамон Халифаест, ки дар даврони ӯ Ирон фатҳ шуд ва Ислом вориди Ирон шуд ва барои аввалин бор дар тарих дар Ирон азон гуфта шуд ва намоз барпо гардид... Ман ин қазияро бо лақаби Соҳиби замон рабт медодам.

Аммо агар мехоҳӣ бештар ҳайратзада шавӣ, ин ривояти (Биҳорул-анвор)и Мачлисиро бихон:

Мачлисӣ аз Ал-навшачон бин Ал-будмардон Мардум ривоят мекунад, ки гуфт: "Вақте Форсҳо аз Қодсия оварда шуданд ва ба Яздагурд хабар доданд, ки Рустум шикаст

---

[1] : Ал-начмуссоқиб 1/185

хурд ва Арабҳо бар ӯ ғалаб карданд ва гӯмон бурд, ки Рустум ва ҳам Форсиҳо ҳалок шуданд ва пайке назди ӯ омад ва гуфт, ки панҷоҳ ҳазор нафар дар ҷанги Қодсия кушта шудаанд, Яздагурд ба ҳамроҳи хонаводааш по ба фирор гӯзошт ва пеши дари Айвон таваққуф кард ва гуфт: Салом бар тӯ эй Айвон! Ман дорам аз тӯ ҷудо мешавам ва ман бо марде аз фарзандонам, ки замонаш фаро нарасида, ба тӯ боз хоҳам гашт.

Сулаймони Дайламӣ мегӯяд: назди Абӯ Абдуллоҳ рафтам ва ӯро дар ин бора пурсидам ва ба ӯ гуфтам: Ин ки ӯ гуфт: Бо марде аз фарзандонам бармегардад чӣ маъно дорад? Гуфт: Соҳиби замон фарзанди шастуми ман аз наводагони Яздагурд аст ва фарзанди ӯ ба шумор меравад[1].

Рузе, ки Соҳиби замон меояд, рӯзи интиқом аст! Соҳиби замон фарзанди Яздагурд интиқоми падарони Форси худро аз мусалмононе, ки Форсро фатҳ карданд, хоҳад гирифт. Оре ривоят чунин мегӯяд ва аз лақаби (Хусарви Маҷӯс) чунин фаҳмида мешавад!

Аллоҳу Акбар...! Чи гӯна ман аз ин ҳақоиқ ғофил будаам?!

Аммо мавриди дигаре, ки бештар маро такон дод...

Ва он ин, ки дар китоби (Ал-ғайба) Муҳаммад бин Иброҳим Нуъмонӣ дар сафҳаи 234 аз Абӯ Абдуллоҳ ривоят шуда аст, ки ӯ гуфт: "Ҳар гоҳ имоми Замон зуҳур кунад, бо Арабҳо ва Қурайш ҷӯз бо шамшер бо чизи дигаре рафтор нахоҳад кард ва Араб ва Қурайш ҷӯз шамшер аз ӯ чизи дигаре дарёфт намекунанд".

Чаро ин ҳама кина бо Араб ва ба хусус, бо Қурайш?!

---

[1] : Биҳорул-анвор 51/163-164

Балки ривоёт ба сароҳат мегӯяд, ки имоми замон ҳафтод қабила аз қабоили Арабро тору мор мекунад ва аз байн мебарад[1].

Саъй кун ривоётро бо он чӣ қаблан баён шуд, ки яке аз лақабҳои Соҳиби замон (Хусрави Маҷӯс) аст ва бо ин ки бобои Соҳиби замон Яздагурд, мусалмононеро, ки тоҷ ва тахташро аз дасти ӯ гирифтанд, ба омадани Соҳиби замон таҳдид кардааст, рабте бидеҳ.

Инҳо ҳақоиқе дар мазҳаби Шиъа ҳастанд, ки чун соъиқа бар сари ҳар оқиле фуруд меоянд!

Гуфтанд ва мо бовар кардем.

Аз ҳамон кудакӣ ба ман достоне омухтанд, ки бидуни он, ки дар он фикр кунад ва бо меъёри ақли салим онро бисанҷам, аз рӯйи содагӣ, онро бовар намуда ва пазируфтам.

Хулосаи достон инаст, ки имом Ҳасани Аскарӣ, Бишр бин Сулаймон Ал-Наххосро пеши худ хост ва ба ӯ гуфт: Туро аз розе огоҳ мекунам, ки ҳеҷ касро аз он огоҳ наменамоем, он гоҳ ба забони Румӣ барои ӯ нома навишт ва муҳри худро бар он зад ва сипас ба ӯ ду саду бист динор дод ва ба ӯ гуфт: Ин маблағро бигир ва ба Бағдодо бирав, вақте бо он ҷо расидӣ, ба бозори бардафурушӣ бирав, он ҷо марде ҳаст ба номи (Умар бин Язид Ал-Наххос), аз миёни канизоне, ки пеши ӯ ҳастанд, канизе ба фалон мушаххасот ҳаст –ва нишонаҳои канизро ба ӯ баён кард- , ки аз наздик шудан бо мардон дӯрӣ мекунад, вақте ӯро дидӣ, ин номаро ба ӯ нишон бидеҳ. Бишр ба Бағдод рафт ва он чӣро, ки имом гуфта буд дид, ва вақте номаро ба каниз дод, он каниз ба шиддат гиря кард ва ба Умар бин Язид гуфт: Маро ба соҳиби ин нома бифуруш, сипас баъд

---

[1] : Манбаъи собиқ 53/333 ва Ҳошия 1

аз он, ки Бишр ӯро харид, аз ӯ пурсид, ки иллати гиряи ӯ чӣ буда аст? Каниз ба ӯ гуфт: Ман малика, духтари Яшуъо бин Қайсар, подшоҳи Рӯм ҳастам ва модарам аз фарзандони васӣ ва ҷонишини Масеҳ Шамъун бин Ҳаммун бин Ал-Сафо аст"!!

Сипас каниз достони аҷибе аз падари бузургаш, Қайсар, ки мехост ӯро ба издивоҷи бародарзодааш дароварад, баён кард ва гуфт: ки ӯ Муҳаммад (с)-ро дар хоб дид, ки пеши Исо (с) омад ва гуфт, ки барои хастгории духтари васӣ ва ҷонишин, Шамъӯн омадам ва каниз баён кард, ки чӣ гӯна баъд аз Фотимаи Заҳро ва Марям духтари Имрон ва ҳазорон зани биҳиштиро дар хоб дида ва чӣ гӯна имом Ҳасани Аскариро дар хоб дид ва имом Аскарӣ бо ӯ гуфт, ки падарбузургаш дар фалон рӯз бо лашкари бузурге ба ҷанги мусалмонон хоҳад омад ва гуфт, ки тӯ бояд бо либоси хидматгӯзорӣ ба лашкар бипайвандӣ ва баъд аз он асир шавӣ.

Ин достони модари Соҳиби замон аст..., достоне, ки барои як филми синамоӣ хӯб аст, на ин ки ақидаи мусалмоне бошад, ки Қуръон омада, то ақли ӯро аз хурофот ва достонҳои ин чунине озод ва раҳо кунад... аммо дар мавриди ин ки чӯ гӯна Наргиз муъомала мешавад ва Соҳиби замон дар шиками ӯ қарор мегирад, кофист, ки ривоятеро бихонӣ, ки Аббоси Қуммӣ дар (Мунтаҳал-омол) ва дигар уламои мазҳаби собиқам баён кардаанд.

Ривоят мегӯяд: Мо васиятшудагон дар шиками модар қарор намегирем, балки дар паҳлӯи модарони худ ҳастем ва аз раҳми модар берун намеоем, чун мо нӯри Худо ҳастем, ки чиркҳо ва олӯдагиҳо ба он намерасад!!

Паёмбарон аз раҳми модарашон мутаваллид мешаванд ва васиятшудагон азин пок ва муназзаҳ ҳастанд. Кадом дин ва Ислом чунин суханеро меписандад?!

Аммо дар мавриди вилодати Соҳиби замон ривоёт мегӯянд: Вақте Сайид (Муҳаммад) ба дӯнё омад, нӯри дурахшоне аз ӯ берун омад, ки тамоми уфуқи осмонро дар бар гирифт ва парандагони сафедеро дидам, ки аз осмон поён меомаданд ва болҳои худро бар сар ва сурат ва тамоми бадан ӯ мекашиданд, сипас парвоз мекарданд. Онгоҳ Абӯ Муҳаммад Ҳасан фарёд баровард ва гуфт: Амма! ӯро биёвар. Вақте ӯро овард, ӯро ба оғӯш гирифт, ногаҳон дид, ки ҳамаи корҳояш анҷом шудааст (хатна шуда ва нофаш бурида шуда аст) ва покиза ва тамиз аст ва бар бозӯи ӯ навишта шуда:

﴿جَاءَ الْحَقُّ وَزَهَقَ الْبَاطِلُ إِنَّ الْبَاطِلَ كَانَ زَهُوقًا﴾[1].

"Бигӯ: «Ҳак омад ва ботил нобуд шуд. Ҳаққо, ки ботил нобуд шуданӣ буд».

Аммо шириъат ва дине, ки Соҳиби замон бо фармонравоӣ мекунад, шариъати дигаре ғайр аз шириъати Ислом аст. Ибни Бобавайҳи Қуммӣ дар (Ал-эътиқодот) мегӯяд, ки Маҳдӣ ҳар гоҳ зуҳур кунад, аҳкоми ирси шариъати Исломро мансух мекунад. Аз Содиқ ривоят аст, ки ӯ мегӯяд: "Худованд ду ҳазор сол пеш азон, ки ҷисмҳоро биёфарад, арвоҳро бо якдигар бародар кардааст. Агар Қоим зуҳур кунад, ҳамон бародарони рӯҳИро ворси якдигар қарор медиҳад ва бародарони танӣ ва насабӣ аз ҳамдигар ирс намебаранд"[2].

Ва ӯ ҳар касеро, ки ба синни бист сол расида бошад ва дар дин огоҳӣ надорад, мекушад[3].

Ва Соҳиби замон тибқи ҳукми (Оли Довӯд) ҳукумат мекунад, на тибқи дастӯр ва ҳукми (Муҳаммад ва Оли

---

[1] : Сураи Исро 81.

[2] : Ал-эътиқодот 83.

[3] : АъломулварО, Табресӣ 431 ва Биҳорул-анвор 52/152.

Муҳаммад). Ривоёт Шиъа мегӯяд: "Ҳар гоҳ Қоими Оли Муҳаммад зуҳур кунад, ба ҳукми Довӯд ва Сулаймон (а) ҳукм мекунад ва барои исботи иддиъо гӯвоҳ наметалабад"[1]. Ва дар ривояти дигар омада аст: "Ҳар гоҳ Қоими Оли Муҳаммад зуҳур намояд, тибқи ҳукми Довӯд (а) ҳукм мекунад ва барои доварӣ ва ҳукм кардан ба гувоҳ ниёз надорад"[2].

Он чӣ ин андешаро дар бар дорад, инаст, ки Маҳдӣ тибқи Қуръон ҳукм намекунад ва китоби дигарро ба ҷойи он қарор медиҳад ва ин он чизест, ки ривояти Нуъмонӣ аз Абӯбасир ба он ишора менамояд, ӯ мегуяд: Абӯ Ҷаъфар (а) гуфт: "Ҳазрати Қоим кори тозае мекунад ва китоб ва қазовати тозае меоварад...".[3] "Гӯё дорам ба ӯ нигоҳ мекунам, ки дар байни рукн ва мақоми Иброҳим бо мардум бар китоби ҷадид, байъат мекунад"[4].

Балки муқаддасоти муслимин аз дасти Соҳиби замон дар амон нахоҳад буд, зеро ривоёт ба сароҳат мегуяанд, ки имоми Қоим Масҷидул-ҳаромро мунҳадим мекунад, то онро бо сурати аслии он баргардонад, ва Масҷиди Паёмбар (с)-ро хароб мекунад, то ба сурати аслияш онро баргардонад ва Каъбаро ба ҷойи аслии он мебарад ва ба сурати аслияш онро месозад"[5].

## Чаро Соҳиби замон ғоиб шудааст?!

Касоне, ки ба вуҷуди шахсияти Соҳиби замон бовар доранд, дар посӯх ба ин пурсиш мегӯянд: Ба хотири сабабе,

---

[1] : Усули Кофӣ 1/397.

[2] : Ал-иршодул-муфид 413 ва Аъломулваро, Табресӣ 433.

[3] : Ал-ғайба, Нӯъмонӣ 154, ва Биҳорул-анвор 52/354.

[4] : Ал-ғайба, Нӯъмонӣ 176 ва Биҳорул-анвор 52/135

[5] : Ал-ғайба, Тусӣ 282 ва Биҳоруланвор 52/338

ки монеъ аз зуҳури имом аст, ӯ ғоиб аст, пас ҳар гоҳ ин сабаб дӯр шавад, Маҳдӣ зуҳӯр хоҳад кард.

Сипас иллатеро, ки монеъи зуҳӯри Маҳдӣ мешавад, ин гӯна баён мекунанд: Танҳо иллате, ки монеъ аз зуҳури ӯ шуда ин аст, ки имом метарсад, ки ӯро бикушанд, чун агар чунин чизе набуд, ӯ худашро пинҳон намекард ва азият ва озори мардумро таҳаммул менамуд ва манозил ва ҷойгоҳи Паёмбарон (а) ва Аймма барои он аст, ки машақатҳои зиёдеро дар роҳи Худо таҳаммул кунанд, ва сирати падарони Имоми замон барои ҳама маълӯм аст. Падарони ӯ дар миёни мардум буданд ва аз касе наметарсиданд.

Мӯминон ба Соҳиби замон, ривоётеро баён мекунанд, ки Паёмбар (с) дар оғози даъваташ чун метарсид, ки ӯро мекушанд, пинҳон мешуд, сипас пинҳон шудани Соҳиби замонро бо пинҳон шудани Паёмбар (с) муқоиса мекунанд. Аз ҷумлаи ин ривоёт, ривоятест, ки Маҷлисӣ дар (Ал-биҳор 18/176) ривоят кардааст, ки гуфт: (Паёмбар (с) то панҷ сол дар Макка аз тарси душманон пинҳон шуд ва берӯн намеомад. Алӣ ва Хадиҷа бо ӯ буданд, сипас Худованд ба ӯ дастӯр дод, ки ошкоро фармони Илоҳиро баён кунад, онгоҳ Паёмабар берӯн омад ва фармони Худоро ошкор кард). Ва ҳамчунин Дуррул-биҳор 18/177 аз Абӯ Абдуллоҳ (а) ривоят шуда, ки гуфт: (Паёмбар (с) баъд аз он, ки аз сӯйи Худо бар ӯ ваҳй нозил шуд то сездаҳ сол дар Макка монд. Ӯ то се сол метарсид ва пинҳон буд ва зоҳир намешуд, то ин ки Худованд ба ӯ дастӯр дод, ки он чиро, ки ба он фармон меёбад, ошкоро баён кунад, пас дар ин вақт даъватро ошкор кард).

Ривоёти мушобеҳи дигаре, ки ба сароҳат бар ҳамин мафҳум таъкид меварзад, ҳаст, ки ман барои он, ки баҳс тӯлонӣ нашавд, онро зикр накардам.

Аммо ин қиёс бо чанд далел ба шиддат бе ҷо ва маъалфориқ аст:

Аввал: Ин ки Паёмбар (с) аз назари мардум пинҳон нашуд, балки даъватро пинҳон намуд.

Дуввум: Хадиҷа ва Алӣ ва ғайр аз ин дӯ нафар ҳамроҳи Паёмбар (с) буданд, аммо Маҳдӣ, ки шумо мегӯед, ба иддаъои шумо касе бо ӯ нест.

Саввум: Паёмбар (с) пинҳон шуд ва баъд худашро зоҳир кард ва ӯ дар ин муддат барои даъваташ омодагӣ мекард ва афродеро омода кард, то ӯро дар амри даъват ёрӣ намоянд. Аммо Маҳдӣ пинҳон аст ва пайравоне надорад, гар чӣ Шиъа Имомия пайравони ӯ ҳастанд, аммо маълум аст, ки Шиъаҳо аз ҳамон рӯзе, ки ӯ пинҳон шуда, паёравони ӯ ҳастанд ва акнун теъдодашон ба милионҳо нафар мерасад, оё чунин таъдоди зиёде кофӣ нест, то Маҳдӣ зуҳур кунад ва дар амният бошад ва ба ҳамроҳи онон ҷиҳод намояд?!!

Дар ин ҷо ба ёдам омад, ки рӯзе доштам барномаеро аз телевизион тамошо мекардам, ки дар мавриди вуҷуд ва ҳақиқати Маҳдӣ ва достони пинҳон шудани ӯ дӯ нафар муноқаша ва гуфтугӯ мекарданд.

Яке ба вуҷуди Маҳдӣ имон дошт ва дигаре вуҷуди Маҳдиро қабул надошт ва ҳар дӯ Шиъа буданд. Тарафе, ки вуҷуди Маҳдӣ бовар надошт, дар мавриди ин масъала гуфт: Агар ҳамаи ривоётҳое, ки дар мавриди Маҳдӣ ва достони пинҳон шудани ӯро бипазирем, он чӣ аз ин ривоёт бармеояд, ин аст, ки иллати пинҳон шудани ӯ ин аст, ки метарсад, ки Аббосиҳои он замон ӯро ба қатл бирасонанд, аммо чаро имрӯз Маҳдӣ бар сафаҳоти телевизион зоҳир намешавад? Зеро мо дар асри моҳвора ва интернет ба сар мебарем, ё ҳадди аққал дар як навори видиёӣ бо садо ва тасвираш зоҳир шавад, чунон, ки бисёре аз шахсиятҳои мухолиф ва фирорӣ, ки бо ҳукком меҷанганд, чунин

мекунанд- ӯ низ чунин кунад ва наворро ба дасти афроде бидиҳад, ки гоҳо иддиъо мекунанд, ки бо ӯ мулоқот кардаанд, то барои ҷаҳониён собит шавад –ки ӯ шахсияти ваҳмӣ ва хаёлӣ нест ва хурофот ва дурӯғ нест ва он чӣ дар ахбор ва ривоёт омада дуруст аст.

## Чаро бо марҷеъи тақлид, Оятуллоҳ Муҳаммад Ҳусайн Фазлуллоҳ мухолиф ҳастанд[1].

Ҳар кас ба воқеъияти имрӯзи Шиъа нигоҳ кунад мебинад, ки баъд аз хоби тӯлонӣ, ки бештар аз ин идома нахоҳад ёфт, бедорӣ ва огоҳӣ ба чашм мехурад.

Афроде, ки ба майдон омада ва ғулувви мавҷӯд дар мазҳабро ба боди интиқод мегиранд ва бо полоиши ривоёте мепардозанд, ки азодорон ва маддоҳон ва суханронони минбарҳо ва мутаъассибони мазҳабӣ бидуни дидққат ва баррасӣ онро ҳамвора баён мекунанд, рӯз ба рӯз бештар мешавад. Дирӯз Оятуллоҳ ал-узмо Абӯлфазл Бурқаъӣ ва Аҳмади Касравӣ ва Алломаи Хуайнӣ ва дуктур Мусо Мусавӣ ва Муҳаммад Ёсирӣ ва Аҳмад Котиб баланд шуданд ва имрӯз Оятуллоҳ ал-узмо Муҳаммад Ҳусайн Фазлуллоҳ ба по хостааст.

Сайид Фазлуллоҳ дарёфт, ки баъзе аз мавзӯъоти ақидатӣ ва тарихӣ, ки дар кудакӣ аз он дифоъ мекардааст ва онро ба унвони марҷеъ ва олими баланпояи Шиъа, тавзеҳ медод, ҳақиқат надошт.

Дар мавзӯъи тарих, Сайид Фазлуллоҳ бо пажуҳиш ва арзёбӣ ба ин натиҷа расид, ки он чӣ дар мавриди Заҳро мегӯянд, ки ба ӯ таъаддӣ шуда ва мавриди зарб ва шатм

[1] Яке аз мароҷеъи тақлиди Шиъаёни Лубнон аст, ки дар тамоми гӯшаҳои дӯнё муқаллидоне дорад.

қарор гирифта ва сақти ҷанин шудааст, аслан ҳақиқат надорад.

Сайид Фазлуллоҳ бо интиқод аз он чӣ дар мавриди калтак хурдани Заҳро гуфта мешавад, мегӯяд: "...агар касе биёяд ва ба зани шумо ҳамла кунад ва бихоҳад ӯро бизанад, оё дар хона ва утоқ мешинӣ ва мегӯйӣ: *Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ*, ё ин ки ба касе омада, ки занатро бизананд ҳамлавар мешавӣ?!

Алӣ бин Абӯтолиб (р), ки қаҳрамононро маққур менамуд ва шикаст медод, оё иҷоза медод, ки гурӯҳе ба ин сурат бо Заҳро ҳамла кунанд ва ӯ дар хона нишаста бошад ва бигӯяд: *Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил алиюл азим*?! Кадом як аз шумо чунин чизеро барои худ меписандад?! Мусалламан ҳеҷ касе инро намеписандад..."[1].

Ва мегӯяд: "Чаро Заҳро дарро боз мекунад... шумо вақте дар хона бошед ва ҳамсарат ҳам дар хона бошад, агар касе дарро хусусан агар нерӯҳои амниятӣ бошанд, ки барои дастгириатон омада бошанд, оё шумо ба зан худ мегӯи тӯ берӯн бирав?... яъне имом Алӣ бӯздил буда ва ғайрат надошта аст?! Мегӯянд Паёмбар (с) ба ӯ супориш додааст, ки дар мавриди хилофат ҷанг ва ихтилофро ба роҳ наандозад! На ин ки аз занаш дифоъ накунанд"[2].

Дар мавзӯъи ақидаҳ, Оятуллоҳ Фазлуллоҳ баъд аз тааммул ва тадаббур дар нусуси Қуръон ва Суннат бо тамоми ҷӯръат ва бо сароҳат гуфтааст: "Имомат барои сиҳати Ислом ва ё пазирӯфта шудани аъмоли бандагон шарт нест, балки фақат назарияе аст, ки баъзе мусалмонон онро қабул доранд ва баъзе онро қабул надоранд ва имомат

[1] : Ал-ҳавзатул-илмия тудинул-инҳирофа 27-28

[2] : Ал-ҳавзатулилмия тудинул-инҳирофа 27-28

аз мавориди иҷтиҳодӣ ва мутағайирот аст, ки метавон онро заъиф қарор дод ва метавон онро саҳеҳ донист.

Ва аз ҷӯумлаи умуре, ки Сайид Фазлуллоҳ мавриди интиқод қарор дода, нисбат додани илми ғайб ба аймма аст. Ӯ дар тафсири ояти:

﴿قُل لَّا أَقُولُ لَكُمْ عِندِى خَزَآئِنُ ٱللَّهِ وَلَآ أَعْلَمُ ٱلْغَيْبَ وَلَآ أَقُولُ لَكُمْ إِنِّى مَلَكٌ ۖ إِنْ أَتَّبِعُ إِلَّا مَا يُوحَىٰٓ إِلَىَّ ۚ قُلْ هَلْ يَسْتَوِى ٱلْأَعْمَىٰ وَٱلْبَصِيرُ ۚ أَفَلَا تَتَفَكَّرُونَ﴾[1].

"Бигӯ; «Ба шумо намегӯям, ки хазинаҳои Худо назди ман аст. Ва илми ғайб ҳам намедонам (ба ҷӯз он чӣ Худо ба ман биёмузад). Ва намегӯям, ки фариштае ҳастам. Танҳо ба чизе пайравӣ мекунам, ки бар ман ваҳй шудааст». Бигӯ: «Оё нобинову бино яксонанд? Чаро намеандешед?», баён мекунад, ки ин оят ба вузуҳ бар ин далолат мекунад, ки Паёмбар (с) илми ғайб надоштааст, ва Худованд аз Паёмбар (с) нахоста, ки биёяд ва биистад ва ба мардум бигӯяд, ки рози дилашон чист ва ҳар як дар оянда бо чӣ рухдодҳое рӯ ба рӯ хоҳад шуд, чунон ки бисёре тасаввур мекунанд, ки Паёмбар (с) ғайб медониста ва ӯро ба як коҳин ва ҷодугар ташбеҳ медиҳанд[2].

Аммо мутаассифона касе бо суханони ӯ гӯш надод ва дар дили онҳо русух накард, бинобарин Фазлуллоҳ бо оромиш ва миёнаравӣ ҷиҳати ҷой додани он чӣ баъд аз баррасӣ ва пажуҳиш бадон даст ёфта, ба гуфтугӯ пардохт. Вале дар муқобил бо анвоъи туҳматҳо ва... мувоҷеҳ шуд!

---

[1] : Сураи Анъом 50

[2] : Тафсир мин ваҳй ал-Қуръон, Анъом 50

**Худованд тавбакунонро меомурзад**.

Ба хотири он чӣ то кунун баён шуд ва ҳақоиқи дигаре, ки гунҷоиши зикри он нест, бояд аз ҳақ пайравӣ мекардам, ман баъд аз солҳо кашмакаш бо худам бо ин ҳақиқат расидам.

Наметавонистам худамро қонеъ кунам, ки бигӯям ман Шиъаи Исноашарӣ ҳастам, аммо бо он чӣ онҳо имон доранд, имон надошта бошам! Бинобарин бояд роҳи худро интихоб мекардам, зеро Ислом ранги хокистарӣ дар эътиқодот намепазирад, пас ё аз ҳақ пайравӣ кунам ва ё бояд ба ҳамроҳи корвон масири худро идома медодам.

Андаке фикр кардам... агар аз ақидае, ки бо он бузург шудаам даст бикашам ва ақидаеро бипазирам, ки далоил ва суҳбатҳо ва фитрат ва ахлоқ онро таъйид мекунад, чӣ зараре мекунам, ва чизеро аз даст медиҳам?

Оре! Интихоб кардам ва зараре накардам, балки сӯд бурдам, оре... Саҳобаро ба даст овардам ва Аҳли Байтро ҳам аз даст надодам, зеро донистам, ки Асҳоб ва Аҳли Байт як рӯҳ дар як ҷасад ҳастанд. Ман танҳо касе нестам, ки роҳи ҳақро баргӯзида аст, балки бисёранд касоне, ки ин роҳро дар пеш гирифтанд ва ба раҳмати Илоҳӣ ва ризояти ӯ чашм духтаанд... ва ба фармудаи Илоҳӣ тамассук ҷустаанд, ки мефармояд:

﴿وَإِنِّي لَغَفَّارٌ لِّمَن تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ صَالِحًا ثُمَّ اهْتَدَىٰ﴾[1] .

"Ҳар кас, ки тавба кунад ва имон оварад ва кори шоиста кунад ва ба роҳи ҳидоят бияфтад, ӯро мебахшоем".

Оре онон ин оятро чароғе бар фарози роҳи хеш қарор додаанд.

---

[1] : Сураи Тоҳо 82

**Салоҳи Козимӣ ва тарс аз марг.**

Хонаводаи Козимӣ ногаҳон мутаваҷҷеҳ шуданд, ки ӯ ҳолати ғайри табиъӣ дорад ва ҳамеша бо онҳо аз марг сухан мегуфт, то ин ки фаҳмиданд, ки ӯ аз марг метарсад ва аз ин рӯ ба зудӣ бо ин ки намехоҳад, хоҳад мурд, хоби Козимӣ парида буд ва ғизо кам мехӯрд. Пизишкор аз муъоличаи ӯ дармонда буданд ва муллоҳо ва охундҳои Шиъа қодир ба илоҷи ӯ набуданд ва мегуфтанд: Ҷинҳо ба ӯ осеб расондаанд. Пулҳои зиёде ба охундҳо ва муллоҳо дод, ки ба гуфтаи худашон ӯро муъолиҷа мекарданд. (Салоҳ) мегуяд: Онҳо бо равишҳои аҷибеб муъоличаи ӯ мепардохтанд, баъзе бо афсун ва баъзе бо таъвиз ва корҳое азин қабил. Аммо барои муъолиҷа аз Қуръон истифода намешуд. Мегӯяд: Сипас яке аз Шиъаҳо ба ман пешниҳод кард, ки назди уламои Аҳли Суннат биравам, то бар ман Қуръон бихонанд ва гуфт: Дам ва дӯои Суннӣ барои шиъа илоҷест (зеро тибқи эътиқоде, ки назди Шиъа шоэъ аст, шайтонро фақат шайтон берӯн меронад).

Бинобарин (Салоҳ) бо масҷиди Аҳмад бин Ҳанбал, ки дар канори хонааш буд рафт. Имоми масҷид бар ӯ Қуръон хонд ва Салоҳ оётро гӯш мекард ва эҳсоси оромиш ва роҳатӣ мекард.

Шайх хондани Қуръонро ба поён бурд ва Салоҳ дар сукути комил қарор дошт... ва ҳатто як калима ҳарф намезад, фақат дар масҷид нишаст, чун дар онҷо эҳсоси оромиш мекард. Вақте вақти намоз фаро расид ва муззин азон гуфт, Салоҳ ба намозгӯзорон нигоҳ мекард, ки доштанд ба масҷид меомаданд, то ин ки намоз иқома шуд, Салоҳ бидуни тардид ва дӯдилагӣ дар канори онҳо истод ва бо онон намоз хонд. Дар рӯзи дуввум имоми масҷид

ногаҳон дид, ки Салоҳ ба масҷид омадааст, вақте имом ҳоли ӯро ҷӯё шуд, гуфт: Алҳамдулиллоҳ... хеле беҳтарам.

Салоҳ ин гӯна медид, ки Аҳли Суннат хеле ба Қуръон наздиктаранд ва онро беҳтар медонанд. Ӯ медид, ки Аҳли Суннат Худо ва ҳурумоти ӯро таъзим менамоянд ва намозро сари вақт бо ҷамоъат мехонанд ва суханронӣҳояшон саршор аз таъзим ва ситоиши Худованд аст, ба хилофи сӯханрониҳои Шиъа, ки дар он Аҳли Байт мавриди таъзим қарор мегиранд ва аз Аймма гуфта мешавад ва бо Қуръон эътиное намекунанд.

Ӯ ба ман гуфт, ки дар масҷид барои тиловати Қуръон менишастам ва дилам шифтаи тиловат ва тадаббур дар Қуръон буд ва имоми масҷид дар таҳкими пояҳои ин бахши имонӣ дар вуҷӯдам нақши асосиро бозӣ мекард.

Ва Салоҳ ҳамчунон бо масҷид мерафт... то ин ки баъзе аз дӯстони Шиъааш ӯро диданд, бинобарин онҳо кушиданд, то ӯро қонеъ кунанд, ки ин корро тарк кунад, аммо ӯ хостаи ононро напазирӯфт ва ҳамеша бо онҳо мегуфт: Ман вақте бо аҳли Суннат намоз мехонам, эҳсоси оромиш ва роҳатӣ мекунам ва ба хусус вақте қироъати имомро дар намозҳои ҷаҳрӣ мешунавам.

Сипас онҳо баъзе аз охундҳоро оварданд, то ӯро қонеъ кунанд, ки коре, ки мекунад иштибоҳ аст. Ӯ бо онҳо чанд ҷаласаи муноқаша ва гуфтугӯ кард, то ин ки сухан аз таҳрифи Қуръон ба миён омад ва ӯ гуфт, ки Шиъа ба Қуръон ва улуми он[1] аҳамият намедиҳанд ва Салоҳ барои

[1]: Алӣ Хоманай ба сароҳат инро гӯфта аст. Ӯ мегӯяд: (Ҷудои ва фосила гирифтан аз Қуръон, ки дар ҳавзаҳои илмия мушоҳада мешавад ва ӯнс нагирифтани мо ба Қуръон, мушкилоти зиёде дар ҳол ва оянда эҷод мекунад, чун дӯрии мо аз Қуръон боис мешавад, то бо кутоҳбинӣ гиритор шавем).

Ва ҳамчунин мегӯяд: (Мутаъассифона! Мо наметавонем дарс хонданро шуруъ кунем ва то гирифтани мадорики иҷтиҳод онро идома диҳем, бидуни

онҳо собит кард, ки онон Асҳобро мутаҳам мекунанд[1], ки Қуръонро таҳриф карданд ва онҳо ҷуз сафсата ва гурез посухе барои Салоҳ надоштанд.

Ногаҳон хонаводаи Салоҳ диданд, ки ӯ Суннӣ шудааст, бинобарин хонавода ва дӯстони Шиъааш ӯро мавриди ғазаб қарор дода ва аз ӯ нороҳат шуданд, аммо ӯ ризояти Худоро бар ризояти мардум тарҷеҳ дод, ва имрӯз ӯ ба сӯй неъмати ҳидоят хушҳоласт ва ин фазли Худост, ки ба ҳар ки хоҳад онро мебахшад.

Ва имрӯз Абӯ Абдурраҳмон Салоҳ аз туллоби илм аст, Худованд ба илми ва мақоми ӯ бияфзояд.

**Шиъа ба Ҳаҷ рафт ва Суннӣ баргашт**.

Ӯ қабл аз он, ки ба шаҳр Манома, пойтахти Баҳрайн нақли макон кунад, дар минтақаи (Ҷадди Ҳафс) зиндагӣ мекард. Ӯ сабзӣ фурӯш буд, ки бо се Суннӣ робита маҳкаме

---

он, ки ҳатто як бор ба Қуръон муроҷаъа кунем! Чаро ин тавр аст?! чун дарсҳои мо бар пояи Қуръон нест...)

Ва низ мегӯяд: (Ҳар гоҳ фарде мехоҳад дар ҳавзаи илмия ба як мақоми илмӣ даст пайдо кунад, бояд Қуръонро тафсир накунад, чун агар Қуръонро тафсир намояд, ба ҷаҳолат мутаҳам мешавад... чун ба муфассири Қуръон, ки мардум аз тафсири ӯ истифода мебаранд, ба унвони як ҷоҳил нигоҳ мешавад, арзиши илмӣ надошт, бинобарин ӯ маҷбӯр мешавад дарси Қуръонро тарк кунад... оё бо назари шумо ин як фоҷеъа нест?!) Ал-ҳавзатулилмия филфикр Ал-Хоманаи 100-101.

[1] : 1. Муҳаммад Боқир Маҷлисӣ дар китоби Миръотул-уқул 12/525 баъд аз баёни ҳадиси (Қуръоне, ки Ҷабраил ба Муҳаммад нозил карда ҳабдаҳ ҳазор= =оят аст) ва мегӯяд: (Ин ҳадис мувассақ ва муътабар аст ва баъзе нусхаҳо ба ҷойи Ҳорун бин Солим, Ҳишом бин Солим, пас ҳадиси саҳеҳ аст ва пушида нест, ки ин ҳадис ва бисёри дигар аз аҳодиси саҳеҳ ба సароҳат мегӯянд, ки Қуръон кам шуда ва тағйир ёфтааст...). ва чунин суханони хатарноке зиёд аст, барои иттилоъи бештар муроҷиъа кунед ба китоб (Ал-шиъату ва таҳрифул-қуръон), Муҳаммад Ал-Сайф, ё (Оро ҳавлал-қуръон), Оятуллоҳи Фонӣ Исфаҳонӣ, дар ин ду китоб дар ин маврид муфассалан баҳс шудааст.

дошт. Рӯзе онҳо дар мавриди ин, ки Шиъа ба Ойша(р), ҳамсари Паёмбар (с) носазо мегӯянд ва ба ӯ таъна мезананд, гуфтугӯ карданд. Ӯ натавонист носазогӯйи Шиъаро ба Ойшаро инкор кунад ва бо сароҳат гуфт: Мо Шиъаён Ойшаро дӯст надорем ва бар ӯ лаънат мефиристем ва ӯ Носибӣ[1] аст ва муътақидем, ки ӯ аз аҳли дӯзаз мебошад. Онгоҳ яке аз дӯстонаш ба ӯ гуфт: Оё нашунидаи, ки Худованди Мутаъол мефармояд:

﴿ النَّبِيُّ أَوْلَىٰ بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنفُسِهِمْ ۖ وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ ﴾[2].

"Паёмбар ба мӯъминон аз худашон сазовортар аст ва ҳамсарони ӯ модарони онҳо (мӯъминон) ҳастанд".

Ва оятро ба ӯ тафсир ва тавзеҳ дод. Дар ин ҳангом он мард аз шунидани оят ва маънои он ҳайрон шуд ва пурсид: Оё ин оят дар Қуръон вуҷуд дорад? Ман барои аввалин бор онро мешунавам, онҳо Қуръонро варақ заданд ва оятро ба ӯ нишон доданд, гуфт: Ҳоло донистам, ки Ойша ва ҳамаи ҳамсарони Паёмбар (с) модари ман ва модари ҳамаи мӯминон ҳастанд ва гуфт: Наметавонам каломи Худоро такзиб кунам ва каломи инсонеро тасдиқ намоям.

Ҳамчунин бо ӯ гуфта шуд, Худованд дар мавриди ҳамсарони Паёмбар мефармояд:

﴿ يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُل لِّأَزْوَاجِكَ إِن كُنتُنَّ تُرِدْنَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا وَزِينَتَهَا فَتَعَالَيْنَ أُمَتِّعْكُنَّ وَأُسَرِّحْكُنَّ سَرَاحًا جَمِيلًا ﴿٢٨﴾ وَإِن كُنتُنَّ تُرِدْنَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَالدَّارَ الْآخِرَةَ فَإِنَّ اللَّهَ أَعَدَّ لِلْمُحْسِنَاتِ مِنكُنَّ أَجْرًا عَظِيمًا ﴾[3]

"Эй паёмбар, ба занонат бигӯ: «Агар хоҳони зиндагии дӯнё ва зинатҳои он ҳастед, биёед, то шуморо баҳраманд

[1] : Раҷаб Ал-Барсӣ дар китоби Машориқ Анворул-яқин 86 мегӯяд: Ойша(р) чиҳил динор хиёнат –яне аз зино- ҷамъоварӣ карда буд), ба Худо паноҳ.

[2] : Сураи Аҳзоб 6

[3] : Сураи Аҳзоб 28-29

созам ва ба тарзи некӯ раҳоятон кунам, ва агар хоҳони Худову паёмбари Ӯ ва сарои охират ҳастед, Худо ба некӯкоронатон подоше (мукофоте) бузург хоҳад дод".

Шиъа ва Суннӣ ҳама бар ин иттифоқи назаранд, ки Паёмбар (с) аз занони нуҳгонаи худ, ҳеҷ кадомро талоқ надод ва ин оятҳо бо Паёмбар (с) мегӯяд, ки агар занони ӯ дӯнёро интихоб мекунанд, онҳоро талоқ бидеҳ ва агар Худо ва Расули ӯ ва ҷаҳони охиратро интихоб карданд, онҳоро ба унвони ҳамсари худ нигоҳ дорад, пас оё кофир ва мунофиқ зиндагии охиратро ба зиндагии дӯнё тарҷеҳ медиҳад?! Ҷавобро ба уқало вогӯзор мекунем! –Худо нохоста- агар Ойша (р) дар дили худ нифоқро пинҳон мекард, оё Худованд намедонист? Пас чаро Худо ба Паёбар хабар надод ва то вақте Паёмбар вафот кард, Ойша (р) ҳамсари ӯ ва уммумӯминин буд?!

Шиъа мегӯяд: Паёмбар (с) аз ҳама гуноҳони кучак ва бузург ва аз иштибоҳ ва фаромӯшӣ маъсум аст, пас оё издивоҷи ӯ бо Ойшаро иштибоҳе медонанд, ки эшон муртакиби он шуда аст? дар ин вақт ӯ аз худаш пурсид: Чӣ гӯна бо Умулмӯминин Ойша, ки модари ман ва модари мӯминон аст, носазо бигӯям?! Бинобарин назди баъзе аз уламои Шиъа рафт ва онҳоро дар мавриди ин оят пурсид, ки:

﴿النَّبِيُّ أَوْلَى بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنفُسِهِمْ ۖ وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ﴾.

"Паёмбар ба мӯъминон аз худашон сазовортар аст ва ҳамсарони ӯ модарони онҳо (мӯъминон) ҳастанд".

Баъзе аз уламо аз додани посӯх додан фарор карданд ва баъзе эътироф карданд, ки ҳамсарони Паёмбар (с) модарони мӯминон ҳастанд ва Худованд онҳоро таъйид кардааст.

Вақте, ки мавсими Ҳаҷ фаро расид, ӯ аз шаҳри худ ба қасди Ҳаҷ бирӯн омад ва онҷо Худованд дили ӯро барои

пазируфтани ҳақ гушуд ва аз Ҳаҷ дар ҳоле баргашт, ки Суннӣ шуда буд, ва ҳама аз ин ки ӯ аз Ҳаҷ дар ҳоле, ки Суннӣ боз гаштааст, ҳайратзада шуданд ва ӯ дар кишвари Баҳрайн хеле маъруф шуд ва ҳар ҷо сухан аз ӯ буд ва ӯ мардест, ки ба Ҳаҷ рафта дар ҳоле, ки Шиъа буда ва дар ҳоле бозгашта, ки Суннӣ шудааст.

**Дар поён васияте ба:**

Ба хонавода ва ҳамсояҳоям...

Ба ононе, ки дӯсташон дорам ва маро дӯст доранд... ба ононе, ки Оли Байти Паёмбар (с)-ро дӯст доранд ва алоқаманд ба пайравӣ аз онҳо ҳастанд...

Ба ҳар касе, ки дунболи ҳақиқат ва нӯри дурахшон аст...

Паёми ман ба ҳамаи онҳо инаст, ки фикр кунанд ва бияндешанд... .

Ва ба нидои фитарат посӯхи мусбат диҳанд, ҳамон ки Худованди Мутаъол дар мавриди он мефармояд:

﴿فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفًا ۚ فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا ۚ لَا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ اللَّهِ ۚ ذَٰلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ﴾[1].

"Ба яктопарастӣ рӯй ба дин овар. Фитратест, ки Худо ҳамаро ба он фитрат биёфаридааст ва дар офариниши Худо тағйире нест. Дини поку пойдор ин аст. Вале бештари мардум намедонанд!"

Худованд бо додани ақл ба инсон ӯро каромат бахшида ва ӯро аз соири офаридаҳо мутамоиз гардонидааст, пас бояд ҳар кас қадри неъмати ақлро, ки Худованд ба ӯ арзонӣ намуда бидонад, чаро, ки ӯ дар Қуръон мехонад, ки Худованд мефармояд:

﴿أَفَلَا تَتَفَكَّرُونَ﴾[2].

"Оё намеандешед".

﴿أَفَلَا تَعْقِلُونَ﴾[3].

"Оё ақлатонро бо кор намебаред".

﴿أَفَلَا تُبْصِرُونَ﴾[1].

---

[1] : Сураи Рӯм 30

[2] : Сураи Анъом 50

[3] : Сураи Бақара 44

"Магар намебинед".

Ҳамаи ин оёт инсонро ба тафаккур ва тадаббур ва озод кардани ақл аз тақлиди куркӯрона фаро мехонад.

Ҳар фарди оқиле бояд аз ҳаракат дар масири торикиҳои ҳавопарастӣ ва тақлиди куркурона, ки натиҷае он ҷӯз шар ва бадӣ надорад, бипарҳезад, то аз касоне набошад, ки Худованди мутаъол дар мавриди онҳо фармудааст:

﴿فَإِن لَّمْ يَسْتَجِيبُوا لَكَ فَاعْلَمْ أَنَّمَا يَتَّبِعُونَ أَهْوَاءَهُمْ ۚ وَمَنْ أَضَلُّ مِمَّنِ اتَّبَعَ هَوَاهُ بِغَيْرِ هُدًى مِّنَ اللَّهِ ۚ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ﴾[2].

"Пас агар (ин пешниҳоди тӯро напазируфтанд) ва посӯхи тӯро нагуфтанд, бидон, ки аз ҳавои нафси худ пайравӣ мекунанд! ва кист гумроҳтар аз он кас, ки (дар дин) аз ҳаво ва ҳаваси худ пайравӣ кунад, бидуни ин, ки раҳнамуде аз ҷониби Худо (бадон шуда) бошад? Мусалламан Худованд мардумони ситамгорро (ба сӯи ҳақ) раҳнамӯд намекунад".

Мо Аҳли Байтро барои он дӯст дорем, ки хешованди Паёмбар (с) ҳастанд ва ба хотири ин хешовандӣ дорои ҷойгоҳи ҳастанд ва ҳамчунон Асҳоб ба хотири суҳбат ва ҳамроҳии Паёмбар (с) дорои мақом ва манзалат ҳастанд, пас он чӣ онҳоро ҷамъ мекунад, Паёмбар (с) аст. Инҳо хешовандони ӯ ҳастанд ва онҳо ёрон ва асҳоби ӯ мебошанд... ҳар кас ононро дӯст бидорад ба хотири он онҳоро дӯст медорад, ки Паёмбар (с) онҳоро дӯст доштааст.

Бинобарин, ман бояд баъд аз дарки ин ҳақиқат дар дӯст доштани Асҳоб ва Аҳли Байт тардиде ба худ роҳ намедодам

---

[1] : Сураи Қасас 72

[2] : Сураи Қасас 50

ва бо садои баланд фарёд мезадам: "Асҳобро ба даст овардаам ва ҳам Аҳли Байтро аз даст надодаам."

وآخر دعوانـا أن الحمـد لله رب العـالمين وصـلى الله وسـلم على نبينـا محمـد وعلى آله وصحبه أجمعين إلى يوم الدين.

***

## Феҳрасти матолиб

Муқаддима......2
Бахше аз хотироти ман......3
Зуҳӯри имом Хуйи дар моҳ......8
Муҳимтарим масоиле, ки сабаб шуд мазҳаби Шиаъро тарк кунам......9
Носазо гуфтан ба Асҳоб ва лаъни онҳо......10
Издивоҷи мувaққат......14
Таноқузоти мазҳаби Шиъа......15
Ҷодӯгар муваффақ намешавад......18
Таъссуби ваҳшиёна......22
Тарихи Аҳли Байт ва ақидаи Имомат......23
Маҳдии мунтазар......37
Лақаби Соҳиби замон маро такон дод......39
Чаро Соҳиби замон ғоиб шудааст......44
Чаро бо марҷеъи тақлид Оятуллоҳ Муҳаммад Ҳусайн Фазлуллоҳ мухолиф ҳастанд......47
Худо тавбакунандагонро меомурзад......50
Салоҳи Казимӣ ва тарст аз марг......51
Шиъа ба Ҳаҷ рафт ва Суннӣ баргашт......53
Дар поён васияте ба......57
Феҳрасти матолиб......60

* * *